БОЙНАЗАРОВ Б. И.

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактаби таҳсилоти умумӣ

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст*



Душанбе
«Торус»
2013

ББК - 85. 1 Я 72
Б-80

*Хонандаи азиз!*
*Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳрабар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб ба шакли аслияш дастраси додару хоҳаронатон гардад ва ба онҳо ҳам хидмат кунад.*

Маълумотнома оид ба истифодаи китоби дарсӣ:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99947-815-7-7

© ЧДММ «Торус»

# ДАРСИ 1

## Санъати халқҳои ҷаҳон

Санъати тасвирии халқҳои ҷаҳон роҳи душвору тӯлониро тай намудааст. Он баробари нахустин ҷамъияти инсонӣ пайдо гашта, дар ҳамбастагӣ бо он ташаккул ва ривоҷ ёфтааст. Аз огози пайдоиши худ инсоният маҳз ба воситаи меҳнат, ривоҷи истеҳсолот ва маданият, мубодилаи байниҳамдигарӣ, дониш ва таҷрибаҳои амалӣ ба пешрафт ноил гардидааст. Ҳамкорӣ дар роҳи пешрафт ба инкишоф ва омезиши маданияту санъати тасвирӣ мусоидат менамуд. Ба ин маънӣ, санъати Юнони Қадим, санъати Шарқ, ки дар худ беҳтарин офаридаҳои мардуми Ҳиндустон, Эрон, Чин, Осиёи Миёна, Порт ва Юнонро омехтааст, дорои арзишҳои байналмилалӣ мебошад.

Санъати Юнони Қадим бо таърихи ғанию рангини худ дар сар то сари ҷаҳон маълум аст. Дар сарзамини Юнон, ки бо манзараҳои зебову рангини водиҳову кӯҳсораш машҳур буд, аз замонҳои қадим мардони ҳунарманду эҷодкор зиндагӣ карда, он маданияти ганӣ ва рангинро ба вуҷуд оварданд, ки ба ганҷинаи маданияту санъати ҷаҳон дохил шуданд. Аввалин ибодатхонаҳо, қасрҳо ва дигар осори меъмории Юнони Қадим асрҳои V-IV-и пеш аз мелод бунёд гардидаанд. Қасри Гера ва Афина то имрӯз ҳам бо оройиши хосси худ мавриди таваҷҷуҳи аҳли башар мебошанд. Юнониҳо дар оройиши қасру ибодатхонаҳо ҳайкалтароширо фаровон истифода намудаанд. Дар оройиши биноҳо мавзӯъҳои гуногуни қиссаву ривоятҳо ва корномаҳои қаҳрамонони Юнон – Геракл ва Персей тасвир ёфтаанд. Дар охири асри V-и пеш аз мелод тарзи нави оройиши рангаи зарфҳо (табақ, кӯза ва ғайраҳо) хеле авҷ гирифт. Асрҳои V-IV-и пеш аз мелод маданияти Юнони Қадим ба қуллаи баландтарини худ расид. Дар ин давра муваффақиятҳое дар соҳаи санъату адабиёт ва меъморӣ ба даст омаданд, ки он давраи нави классикии намунавӣ ҳисоб меёбад. Рассомон ва ҳайкалтарошони зиёде дар Юнон фаъолияти эҷодӣ менамуданд, лекин дар байни онҳо аз ҷиҳати эҷодкорӣ Мирон, Поликлет ва Фидӣ нақши арзандатар доштанд. Мирон яке



Расми 1. *Мирон. Чеҳраи Дискандоз*

аз эҷодкорони фаъоли замони худ ба шумор мерафт. Вай дар асарҳояш образи мардони шуҷоъу далер ва боғайратро таҷассум намудааст. Хусусан, он дар асари «Дискандоз» ниҳоят образнок ва равшану пурмазмун тасвир шудааст (Расми 1).

Дар натиҷаи муборизаҳои таърихӣ дар ин сарзамин бисёр дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Давраи ҳукмронии Искандари Мақдунӣ номи нав - давраи эллинизмро гирифт. Санъати давраи эллинизм нафақат дар сарзамини Юнон, балки дар сар то сари Миср, Осиёи Марказӣ ва қисми шимоли Баҳри Сиёҳ паҳн шуда буд.

Бисёр асарҳои офаридашудаи давраи эллинизм нозукию зебоии хосси симои антиқии гузаштагони юнониҳоро нигоҳ доштаанд.

Ҳайкалҳои давраи эллинизм бо ҷанбаҳои маънавию зоҳирӣ ва зебоиҳои нотакрори худ машҳур гаштаанд. Ҳайкалҳои шуҳратманди Афродита аз қабили чунин муҷассамаҳоянд. Дар



Расми 2. *Гестия Ҷуетиниани*

Юнони Қадим ба вуҷуд омадани асарҳои бузурги санъат, ба монанди Гестия Ҷуетиниани, ба пешрафти санъати халқҳои ҷаҳон такони бузурге бахшид (Расми 2).

Дастовардҳои бузурги ҳунармандони Юнони Қадим дар санъати Рими Қадим идома меёбад. Римиҳо аз меъмориҳо ва санъати тасвирӣ тамоми нозукиҳои оройиши юнониҳоро омӯхтанд. Дар сохтани биноҳо тарзи меъмориро бо оройиши релеф аз санги мармар истифода мебурданд. Дар санъати Рими Қадим соҳаи ҳайкалтарошӣ ба инкишофи хуби ҳунармандӣ расид.

Рассомони Рими Қадим санъати комили чеҳранигориро

(портрет) ба вуҷуд оварданд. Римиҳо дар оройиши ҳар як бино мозайка ва наққоширо ба таври васеъ истифода мебурданд. Дар ҳайкалсозӣ оройиши тилокорӣ хеле авҷ гирифт.



Расми 3. *Оройиши кӯза*



Расми 4. *Илоҳаи Эйрене*



Расми 5. *Харобаи аркони бузург дар палмира*



Расми 5а. *Пропилеи, Афина*



Расми 6. *Колизей, Рим*



Расми 7. *Ибодатхонаи Деметра, Олимпия*

# ДАРСИ 2

## Кашидани шаклҳои геометрӣ

Маводи геометрӣ аз ҷиҳати шакл ва андоза хеле гуногунанд. Дар мавриди кашидани онҳо зарур аст, ки шакли умумии мавод ҳамаҷиҳата бо дақиқ намудани андоза ва тарзи ҷойгиршавии онҳо дар рӯйи когаз мароқовар ва эҷодкорона иҷро шавад.

Ҳангоми муайян намудани таносуби мавод алоқамандӣ, ҷойгиршавӣ, дурию наздикӣ, андозаи баландию паҳноиро, ки хатти пайвастшавии перспективаро бо мавод дурахшон месозанд, муқоиса намоед. Дар мавриди дар ҳамвориҳо ҷойгиршавии гурӯҳи мавод зарур аст, ки тасвирро ҳамаҷиҳата асоснок намоем. Дар расм ҳаҷми бузургии ҷисмҳои калонро бо қисмҳои хурд муқоиса карда, бори дигар фарқи онҳоро муайян созед.

Акнун кӯшиш намоед, ки ҳар як маводи ҷудогона мувофиқи нақша ба таври дақиқу муайян тасвир шавад, Ба дуруст будани ҷойгиршавии маводи дуру наздик ва алоқамандии онҳо диққат диҳед. Маводи наздик бояд бо акси баланду тобишҳои худ дар рӯшноӣ ва соя аз ҳам фарқ кунанд. Маводе, ки дуранд, бо штрихи паст тасвир гарданд. Агар зарур бошад, фарқи торикиро бо штрих дар баъзе ҷойҳои маводи асосӣ ва сояе, ки дар ҳамворӣ воқеъ мебошад, равшан намоед. (Расмҳои 8, 9, 10, 11)



Расми 8.



Расми 9.



Расми 10.



Расми 11.

# ДАРСИ 3

## Тасвири манзараи деҳа

Ҳар деҳа бо манзараҳои зебову дилфиребӣ худ аз деҳаи дигар фарқ мекунад. Пас аз сайругашт дар бораи табиати назаррабои атрофи деҳа дар ёди ҳар кадоми шумо хотираҳои аҷоибе боқӣ мондааст. Манзараро тарзе тартиб диҳед, ки аз ҷиҳати композитсия бо манзараи зебои кӯҳсор, абрҳо, дарёҳо, дарахтони гуногун мароқовару дилчасп бошад, мавқеи ҷойгиршавии деҳаи обод, баландию нишебии теппаҳо дар расм низ тасвири худро ёбанд.

Дар мавриди кашидани расм ба фарқи маводи дуру наздик, ки аз ҷиҳати перспектива вобастагӣ доранд, диққат диҳед. Агар бодиққат ба манзараи деҳа нигоҳ кунед, дар назари шумо мавод аз ҷиҳати ҳаҷм ва рангҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Манзараи деҳае, ки шумо тасвир менамоед, бояд ҳамаҷиҳата бо ҳамдигар алоқа дошта бошад. Ҳангоми тасвири манзараҳои деҳа, ки борҳо дар вақти сайругашт онро мушоҳида кардаед, дар расмҳоятон ба таври ҳақиқӣ тасвир шавад. Ба ҷиҳати ҳамоҳангии наботот, зебоии табиати гирду атроф аҳаммият диҳед.

Зебоии атрофро тарзе тасвир намоед, ки тобиши гуногуни рангҳои дарахтону теппа, шаклҳои аҷоиби баргҳо, мувофиқати рангҳо равшан ба назар намоянд. Кӯшиш намоед, ки манзараи деҳаро дилчаспу зебо тасвир намоед.



Расми 12.



Расми 13.



Расми 14.



Расми 15.

# ДАРСИ 4

## Композитсия дар мавзӯи чамъоварии ҳосил

Ҳар кадоми мо дар чамъоварию ғунучини меваву сабзавот, пахта ва гайра ба калонсолон ёрӣ мерасонем. Мувофиқи шавқу завқатон манзараи лозимро интихоб намоед. Дар асоси мавзӯъ бандубастро тарзе ба қалам диҳед, ки манзараи боғ, сабзазор, пахтазор тасвир ёфта, одамон ба чамъоварии ҳосил машғул бошанд. Мавзӯъро бодиққат мушоҳида намуда, сипас аз тасаввурот ва хотираи худ чамъоварии меваву сабзавотро тасвир намоед.

Дар расм одамонро ҳангоми кор дар саҳро акс намоед. Дар мавриди бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки зебоии атрофро бо тобиши рангҳои зард, чигарӣ, сурх, норанчӣ ва дигар рангҳо, ки ҳамоҳанги зебоии табиати зарринро нишон диҳад, тасвир ку-



Расми 16.



Расми 17.

нед. Чунин зебоии рангинро бо манзараи саҳрои пахтазор вақти тулӯъ ва гуруби офтоб бо рангҳои норанҷӣ, сурхтоб, ҷигарӣ ва дигар рангҳо, ки ба рӯйи замин, кӯҳу теппаҳо нурафшонӣ менамояд, зеб диҳед. Манзараи табиат дар ин маврид аз гуногунии рангҳо зебо мегардад.

# ДАРСИ 5

## Натюрморти сабзавот

Ҳар як натюрморт дар худ мазмунеро аз ҳар ҷиҳат ифода менамояд, ки фикри ба вуҷуд омадани композитсияро аз ҷиҳати шакл, андоза, ҳаракати мавод, муносибати ҳамоҳангӣ ва ғайра дар расм аён мегардонад. Дар оғози кашидани расм аз асли ашё, гуногуншаклии маводро, ки ҷиҳатҳои фарққунанда доранд, дар натиҷаи муқоиса муайян созед. Ин тарзи муқоиса дар иҷрои

кори амалӣ натиҷаи хуб медиҳад. Барои мароқовар шудани натюрморт хатҳои ҷӯяндагиро аз ҳар ҷиҳат равшантар гардонед. Диққати асосиро ба моҳияти расм: ҷиҳати таносуб, конструксия, сохтани перспектива дода, онро асосноку шавқовар тасвир намоед. Дар мавриди кор ба самти рӯшноӣ ва сояафканӣ, ки шакли гуногунии маводро равшан менамояд, эътибор диҳед.

Барои ба нуқтаи умумӣ овардани ҳамаи мавод лозим аст, ки ҷиҳатҳои баробарии онҳоро асоснок намоем, зеро шарти тасвири табиӣ ба ин вобаста аст. Дар мавриди бо ранг кор кардан агар хоҳед, ки ба душворӣ дучор нагардед, якбора бо мӯйқалам аз ранги таҳранг ё равшани ҷамъи соя дар мавод нуқтаи лозимро муайян намоед. Ҳангоми расмкашӣ ба навъи рангҳои гарму сард диққат диҳед ва таносуби рангпартоиҳоятонро дар хотир нигоҳ доред.

Ҳангоми истифодаи ранг ба омехтаи ранги аслии он рангҳои тасвиршударо, ки дар натиҷаи рӯшноӣ ва ҳолатҳои дигар ба амал меоянд, илова намоед. Азбаски натюрморт аз сабзавоти гуногунранг иборат аст, рангҳои ҳақиқиро аз ҳар ҷиҳат дуруст ба кор гиред. Ҳамаи рангҳои нозуку муносибро ба эътибор гирифта, дар расм истифода намоед. Ғайр аз рӯшноӣ боз ҷилои рангҳо барои ҳар як мавод зарур аст, ки муносибати таҳранг ва ҳамворие, ки дар он ҷисм ҷойгир гаштааст, таҷассум ёбад.

Гузориши рангҳоро аз ҳар ҷиҳат дар расм тарзе гузоред, ки нафосату зебоии тобиши рангҳову мавод аз байн наравад. Фарқи рангҳои қисми торику равшани натюрмортро ҳатман тасвир кунед. Кӯшиш намоед, ки натюрморт бо маҳорат ва ҳунари баланд ба анҷом расад.



Расми 18.



Расми 19.



Расми 20.

**Саволҳо:**

1. **Барои мароқовар ва пурнур будани расм чӣ гуна хатҳоро мекашанд?**
2. **Чаро рангҳои тағйирёбанда дар маводи аслӣ назаррасанд?**
3. **Барои он ки дурахши рангҳо дар раем акс ёбад, чӣ бояд кард?**

# ДАРСИ 6

## Тасвири рангҳои заррин

Табиат дорои ҷило, тароват, нафосати хос ва нотакрор аст, ки сарчашмаи зебоиҳои дунёи рангин мебошад. Ҷилову дурахши рангҳо махсусан дар айёми ивазшавии фаслҳои сол, фарорасии мавсими нав баръало ҳис мегарданд. Эҷодкор аз табиат нафақат илҳом мегирад, инчунин мехоҳад рангу тароватн табииро инъи-

кос намояд. Ҳангоми тасвири манзараи заррин, ки хосси фасли тирамоҳ аст, диққати асосиро ба дуруст дарк намудани фарқи рангу ҷило ва моҳирона тасвир намудани зебоии асли манзара равона созед.

Дар мавриди кашидани расм истеъдоди хуби офарандагӣ зарур аст, то ки бо бадеиёти баланд асари қобили таваҷҷуҳ тавлид шавад. Дар эҷоди манзараи тирамоҳи заррин тасвири манзараи кӯҳ, теппа, дарахт, саҳрои васеъу осмони софро бо хатҳои ҷудогонае тарзе тасвир намоед, ки бандубасти асар мазмуни хубу тахайюли баланди эҷодӣ дошта бошад.

Барои мароқовар шудани расм бори дигар манзараи тасвиршударо бо хатҳои пурмазмун, ки расмро пурқувват ва дурахшон мегардонанд, оро диҳед. Азбаски манзараи тирамоҳи заррин бо обу ранги худ ҷиҳатҳои фарққунанда дорад, кӯшиш намоед, ки он гуногунӣ ва ҳамоҳангии рангҳои манзараро фаро гирад. Ба дуруст будани ҷойгиршавии маводи дуру наздик ва алоқамандии онҳо диққат диҳед. Маводи наздик бояд бо тасвири баланду тобиши худ дар байни рӯшноӣ ва соя аз ҳам фарқ кунанд. Барои тасвири он рангҳои зард, норанҷӣ, сурх, ҷигарӣ ва дигар рангҳоро, ки обурангнокиро дурахшон мегардонанд, истифода баред. Ба он муваффақ шавед, ки рангҳо дар манзара зебову нафис тасвир шаванд. Ба он ҷиҳат низ диққат диҳед, ки ранги замин, кӯҳу роҳ ва дарёча вобаста ба дурии масофа фарқ дошта бошанд. Тадриҷан аз рангҳои серҷилову баланди қатори пеш ба рангҳои пасти дур воқеъгардида гузаред.

Дарахтро бо ҳамоҳангии рангҳои заррин тарзе тасвир созед, ки бо дурахшонӣ ва рангҳои серҷилову баланд назаррас шавад. Тасвирро тарзе ба анҷом расонед, ки манзараи зебову рангини оламро ба хотир орад.



Расми 21.



Расми 22.



Расми 23.



Расми 23 а.

# ДАРСИ 7

## Натюрморти дастархони пурнеъмат

Дар ҳар хонадон, хусусан дар рӯзҳои иду тӯй, маросимҳои гуногун дастархони пурнозу неъмат ороста мешавад. Дастархонро анвои меваҷот, нону кулча ва зарфҳои гуногун зеб медиҳанд. Натюрморти дастархони пурнеъмат аз натюрморти меваҳои гуногун аз ҷиҳати ҳаҷму шакл, рангҳо хеле фарқ мекунад.

Пеш аз он ки расмкаширо огоз намоед, ҳаминро бояд ба эътибор гиред, ки ҳаҷм, шакли предметҳо ба воситаи хатҳои ёрирасон ва сояву рӯшноӣ муайян карда мешаванд. Аз байни онҳо ҷисмҳоеро, ки ба шумо ва ба сарчашмаи рӯшноӣ наздиктар ё дуртар воқеъ мебошанд, ҷудо намоед. Пас аз ин ба он ҷойи ҷисм, ки рӯшноӣ афтодааст, назар афканед. Аммо ҷойи камрӯшноиро низ ба эътибор гиред. Дар вақти кашидани расм тарафҳои рӯшноӣ, сояи онро ба предмети аслӣ муқоиса карда, дурустии онро санҷидан лозим аст.

Мавод ва қисмҳои алоҳидаи онҳо вобаста ба дурахши мутаносибан камшаванда хурдтар ба назар мерасанд.

Масалан, ду маводи шаклан баробарро гиред ва дар рӯ ба рӯятон якеро наздиктар, дигарашро дуртар гузоред. Онҳо аз ҷиҳати баландӣ, дарозӣ ва паҳнӣ як бошанд ҳам, ба назар гуногун менамоянд.

Воситаи дигари ифодаи ҳаҷм - афтодани соя дар ҳамворӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо метавонем рангҳоро чунин фарқ кунем:

а) дурахшон (ҷойи аз ҳама равшантар дар мавод);

б) нимсоя - торикшавии ранг дар байни рӯшноӣ;

в) сояи пурра. Афтодани соя дар ҳамворӣ. Сояи рӯшноӣ ба масофа ҳам вобастагӣ дорад.

Монандӣ: ҳар қадар мавод ба рӯшноӣ наздик бошад, ҳамон қадар акси байни рӯшноӣ ва соя дурахшонтар мегардад. Аммо агар дур бошад, акси рӯшноӣ сусттар мегардад.

Дар лаҳзаи аввали кашидани расм кӯшиш намоед, ки ҳолати дурусти ба шакл даровардану диққатҷалбкунанда будани маводи тасвиршударо дарёбед.

Расмро тарзе иҷро намоед, ки равшанӣ дуруст инъикос гардад ва шакли маводро пурра муайян кунад. Пас аз ин, дар тасвири натюрморт тарзе рафтор бояд кард, ки хатҳои гуногун ба шакли ҷисмҳо, ки ба ҳамворӣ меафтанд, мураттаб сохта шаванд.

Баъдан барои мувофиқати предметҳоро аз назар гузаронидан ба он чиз диққат диҳед, ки маводи ба назар афтанда ҳолати амудӣ ё уфуқии худро нигоҳ доранд. Ҳангоми бо ранг иҷро намудани натюрморт фарқи дурахшонии тобиши рангҳои аслии маводро, ки дар натиҷаи таъсири фазоии рангҳо хеле тағйир меёбад, ба эътибор гиред. Пас аз ин ранги равшан ва торикро фарқ намоед. Рафти корро чунин бояд кард: дар палитра (тахтача барои рангҳо) рангҳоеро, ки ранги тобиши маводро ифода мекунанд, интихоб намуда, дар тасвир рангҳоро нишон диҳед, то ки онҳо ба шакли мавод мувофиқ бошанд, аммо саъй кунед, ки дурахшандагии ранги ҷудогона тасвир карда нашавад.

Пас аз он ба таври дақиқ рангҳои маводи боқимондаро ҷо ба ҷо гузоред. Ҳаракат намоед, ки ҳанӯз ранг хушк нашуда, тасвири сояро ба охир расонед, то ки тасвир аз ҳама ҷиҳат зебову рангин таҷассум гардад.



Расми 24.



Расми 25.



Расми 26.

**Саволҳо:**

1. Ҳаҷм, шакли маводро ба воситаи кадом хатҳо тасвир кардан мумкин аст?
2. Ифодаи рӯшноӣ ва афтодани соя чӣ гуна муайян карда мешавад?

# ДАРСИ 8

## Корҳои оройишӣ, навиштани шрифт

Шрифт тасвири графикии ҳарф ва ададҳост. Ба тарзи дигар, ҳарф ё ададҳоро эҷодкорона, зебо ва фаҳмо рӯйи коғаз акс кунондан аст. Ихтирои шрифт дар инкишофи ҷамъияти инсонӣ нақши бузурге бозидааст. Аз шрифт дар корҳои тарғиботию оройишӣ истифода мебаранд. Бо шрифт рӯзномаву маҷалла, шиор, аёниятҳо, китобҳо оро дода мешаванд. Ҳар як оройиши шрифт дар китобҳо, аёниятҳо, эълонҳо бо тарзҳои гуногун таҷассум мешаванд. Барои ҳамин рассомон кӯшиш менамоянд, ки дар навиштани шрифти полиграфӣ композитсияи гуногуни замонавиро эҷодкорона истифода баранд.

Навишти шрифт ва расмҳо аз ҷиҳати оройиш хеле гуногун мебошад. Масалан, ҳафтаномаҳои «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», «Известия», «Чархи гардун», «Тоҷикистон» ва ғайра аз ҷиҳати оройиш аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Тарзҳои гуногунии мураттабу равшани шрифт вуҷуд доранд, ки рассомон дар оройиш истифода мебаранд. Ҳар як шрифти тарғиботӣ номи хосси худро дорад. Масалан, шрифтҳои академӣ, ҳаҷмдор, буришнок, коргарӣ, оройишӣ ва ғайраҳо аз ҷиҳати навишт ва намуд хеле фарқ мекунанд.

Ҳар як тарзи шрифт бо андозаҳои паҳно ва баландӣ навишта мешавад. Дар баъзе мавридҳо шрифт ба тарзи нишеби ҳарфҳо низ навишта мешавад.

Барои мароқовар навиштани шрифт дар навбати аввал бо қалам ангораи онро созед. Сипас, вазифаро бо ранг иҷро намоед.

Дар навиштани шрифт ба таносуб ва фосилаи он диққат диҳед. Ҳарфҳои Ф, М, Ш, Ю, Ж нисбат ба ҳарфҳои дигар андозаи ба худ хос доранд. Зебо навиштани шрифт ба матн вобаста аст. Чӣ қадаре ки матнро кӯтоҳ интихоб намоед, ҳамон қадар мароқовар ва дурахшон навишта мешавад. Кӯшиш намоед, ки матн бо рангҳои баланд навишта шавад.

Барои иҷрои ин супориш бо перои овезанависӣ навиштан дар навбати аввал хеле осон аст. Аз рӯйи шрифт ҳарфҳоро нависед.

А Б В Г Д Е Ё
Ж З И Й К Л
М Н О П Р С
Т У Ф Х Ц
Ч Ш Щ Ъ
Ы Ь Э Ю Я
1 2 3 4 5 6 7 8 9 0

Расми 27.

А Б В Г Д Е Ё
Ж З И Й К Л
М Н О П Р С
Т У Ф Х Ц
Ч Ш Щ Ъ
Ы Ь Э Ю Я
1 2 3 4 5 6 7 8 9 0

Расми 28.



Расми 29.

# ДАРСИ 9

## Тасвири парвози парандагон

Пеш аз оғози расмкашӣ хатти уфуқӣ - сатҳи ҳамворӣ ва фазоиро тавре муайян намоед, ки қисми ҳаво масофаи зиёдро ишгол намояд. Расмро тарзе тасвир намоед, ки парвози парандагон дар манзараи паҳновари осмони софу кӯҳсор ва дарё, ки зебоиро аз ҳама ҷиҳат пурра менамояд, акс гардад.

Тарзе амал кунед, ки расм аз ҳама ҷиҳат мароқовару диққатҷалбкунанда бошад. Парвози парандагонро бо хатҳои дурахшон тасвир карда, ҳамчунин ҷиҳати ҳаракату шакли предметро пурра муайян кунед.

Пас аз ба шакл даровардани манзара ба тарзи парвози парандагон, ки дар масофаҳои гуногуни фазо ифода ёфтаанд, эътибор диҳед. Дар мавриди бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки муносибату мувофиқат, таносуби рангҳо ба амал ояд, то мақсади асарро равшан ифода кунад. Унсурҳои дигари расм бояд бо рангҳои мувофиқаткунанда тасвир шаванд. Рангҳоро дар манзара тарзе гузоред, ки мавқеи дуру наздик, пасту баландро фаро гиранд. Рӯшноӣ ва тирагии тасвири парандагонро аз ҷиҳати дурахшонӣ, фарқи рангҳо, ки дар натиҷаи таъсири фазоӣ ба амал меоянд, нишон диҳед. Ба дурахшонии рангҳо эътибор диҳед. Дар марҳалаи ба итмом расонидани амалиёти сураткашӣ дақиқ аз назар гузаронед ва ҷиҳатҳои номувофиқро такроран оро диҳед, дурахшонӣ ва сояафкании қисми пешро бештар гардонед. Чунин тарзи кор барои зоҳир намудани шакл ва диққатҷалбкунанда гардонидани сифату тобиши ранг аз аҳаммият холӣ нест.



Расми 30.



Расми 31.

# ДАРСИ 10

## Суҳбат оид ба санъати тасвирии Шарқ

Мардуми Шарқ бо анъанаҳои маҳаллӣ ва хусусиятҳои муҳимми худ маданияти баланд ба вуҷуд овардааст. Бозёфтҳои қадимии асрҳои IV-I-и пеш аз мелод намунаи хуби осори фарҳангӣ ба шумор меравaнд. Ин бозёфтҳо дар сарзамини Миср, Эрон, Ҳинди Қадим, Чин маҳфуз мебошанд. Дар сарзамини мисриён аз замонҳои палеолит ва неолит тарзи оройиши рӯйи сангҳо ва оройиши гуногуни кулолӣ ба вуҷуд омадааст. Дар баробари ин пешравиҳо сохтани иншооти меъморӣ, тарзи оройиши санъати тасвирӣ дар биноҳо хеле авҷ гирифт. Дар Нил, Сахрои Кабир, Ғазза ва дигар минтақаҳои Миср сохтани биноҳо бо тарзи оройиши хосси замон касб шуда буд. Аҳром, яъне мақбараҳои фиръавнҳои Миср бо санъати баланди меъморӣ сохта шудааст.

Ахроми Хеопс бо оройиши монументалӣ баландтарин (146 м) аҳром аст. Оройиши монументалӣ, зебоиҳои нотакрор дар ҳайкалҳои Нефертити, Фиръавн, Тутанхамон бо ҳунари баланди эҷодкорӣ истифода шудаанд. Нигаред ба расми 32.



Расми 32. *Миср. Ниқоби тилоии Тутанхамон*



Расми 33. *Аҳроми Миср*

## Санъати Ҳиндустон

Санъати Ҳиндустон асосан аз меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва оройиши нақшу нигор хеле ганию рангин буда, асарҳои офаридашуда дар Деҳлӣ, Агра, Аҷанта, Бомбай ва дигар шаҳрҳо хеле зиёданд. Ҳар як асари меъморӣ бо оройиши зебову рангин таҷассум шудааст. Яке аз намоёнтарин ёдгорҳои меъмории Ҳиндустон Тоҷмаҳал мебошад. Мақбара дар давраи ҳукмронии Темуриёни Ҳинд (1526-1558) ба хотираи Мумтоз (зани Шоҳиҷаҳон) дар назди шаҳри Агра, соҳили хушманзараи рӯди Ҷамна бунёд шудааст. Девори Тоҷмаҳал аз мармари сафед буда, рӯяш бо сангҳои гаронбаҳои зумуррад, лаъл ва лоҷварди Бадахшон оройиш ёфтааст. Тоҷмаҳал аз рӯйи шаҳомат, зебоӣ, нафосати бадеӣ ва оройиши гаронбаҳо, бандубасти мукаммал ва таносуби дилрабои тарҳ яке аз муъҷизаҳои олам ба шумор меравад. Тоҷмаҳал на танҳо комёбии бозёфти ҳунармандони Ҳинд, балки таҷассуми анъанаи қадим ва нозуки санъати меъмории Осиёи Миёна ва Эрон низ мебошад, чунки он бо ҳамдастии меъморону ҳунармандони

ин кишварҳо бино ёфтааст. Ёдгорҳои таърихии меъморӣ ва санъати тасвирӣ дар сарзамини Афғонистон аз замони Юнону Бохтар ва Кӯшониён боқӣ мондаанд. Дар кӯҳсори Бомиён ҳайкали монументалии 53-метрии Будо мавҷуд буд, ки бо ҳунари баланди нафосати бадеӣ ва оройиши гаронбаҳо муъҷизакорона офарида шудааст.



Расми 34.



Расми 35.



Расми 36. *Тоҷмаҳал*

## Саволҳо:

1. Мардуми Шарқ чӣ гуна маданиятро ба вуҷуд овардаанд?
2. Дар сарзамини Миср дар кадом замон оройиши рӯйи сангҳо ва кулолӣ ба вуҷуд омадааст?
3. Аҳроми Хеопс чанд метр баландӣ дорад?
4. Ёдгорҳои Ҳиндустон дар кадом шаҳрҳо сохта шудаанд?
5. Тоҷмаҳалро дар кадом шаҳр ва дар замони кӣ бунёд кардаанд?
6. Чаро Тоҷмаҳалро муъҷизаи олам меноманд?

# Дар вақти холӣ

## Усули корҳои оройишӣ

Дар мавридҳои гуногун ба шумо лозим меояд, ки бо корҳои оройишӣ машғул шавед. Ҳар як кори оройишӣ нозукиҳои хосси худро дорад. Барои аз худ намудани ин нозукиҳо таҷрибаи хуби корӣ зарур аст. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел, гуаш кашидашуда равшан будани ранг аст, ки тобишу хосияти коғаз ва тозагии вай аз байни он намудор мешавад. Хусусияти асосии акварел ин аст, ки он шаффофиро нигоҳ медорад. Барои натиҷабахш иҷро намудани ин супориш маслиҳат медиҳем, ки машқҳои пешниҳодшударо бо тамоми рангҳо иҷро намоед. Ин тарзи машқҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рангҳои акварелиро хуб омӯзед. Дар навбати аввал усули пардоздиҳиро бидонед. Бо оби тоза расмро аз боло ба пойин, аз чап ба рост давонед ва то дами хушк шудани об интизор шавед. Ҳамин тавр шумо тарзи гузариши рангҳоро аз тобиши баланд ба тобиши паст аз худ мекунед. Онро дар иҷрои корҳои оройишӣ метавонед истифода баред. Чӣ қадар рангҳоро дар оройиш шаффофтар истифода баред, ҳамон қадар оройиш зеботару сифаташ баландтар мегардад. Дар оройиши расм матнҳо бо шрифт навишта мешаванд. Кӯшиш намоед, ки тасвир ва навиштани шрифт дар асоси композитсия хубу равон, зебою нафис оройиш ёбад.



Расми 37.

# Дарси 11

## Санъати давраи Эхё (Ренессанс)

Давраи Эҳё дар таърихи маданияти оламиён давраи нав аст. Давраи Эҳё давраи ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакатҳои Ғарб, махсусан Италия, Ҳолланд, Фа-

ронса, Олмон мебошад. Дар даврaи Эҳё савдо босуръат тараққӣ кард, ки ин сабаби ба вуҷуд омадани аввалин корхонаҳои капиталистӣ ва мустаҳкам шудани робитаҳои тиҷоратии байни шаҳрҳо гардид.

Ин дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҳаёти халқҳои Аврупо боиси ба авҷи олӣ расидани маданияту санъат гардид. Ходимони адабиёт ва санъат имкон пайдо намуданд, ки дар асарҳои худ зебоии аслии табиат ва инсонро таҷассум созанд. Мақсади асосии маданияти даврaи Эҳё ба вуҷуд овардани гуманизм буд.

Рассомон кӯшиш намуданд, ки дар эҷодиёти худ анъанаҳои устодони атиқаро аз нав ба вуҷуд оваранд. Аз ин ҷо, номи ин давраро барқароршавии санъат, яъне даврaи Эҳё, ё Ренессанс меноманд. Аксарияти ходимони маданияти даврaи Эҳё эҷодкорони бузург буданд, ки дар соҳаҳои гуногун қобилияти баланди эҷодӣ доштанд. Масалан, Леонардо да Винчи нафақат асосгузори зинданигорӣ (живопись), балки ҳайкалтарош, олим, нависанда, меъмор, муҳандиси техникӣ, мусиқинавоз низ буд. Рафаэл, Микеланҷело ва дигар ҳунармандон ба ғайр аз рассомӣ, дар соҳаҳои илм ҳам истеъдоди баланд доштанд. Санъати даврaи Эҳё услуби махсуси худро ба вуҷуд овард, ки ба илми санъати реалии гуманизм поя гузошт.

Маркази инкишофи марҳалаи аввали замони Эҳё шаҳри Флоренсияи Италия буд. Асосгузорони ин марҳала Донателло, Мазаччо ва дигарон буданд. Асарҳои офаридаи Мазаччо, Донателло ва дигарон ба талаботи реализми даврaи Эҳё ҷавобгӯ буданд. Санъати эҷодкорони бузург Леонардо да Винчи, Рафаэл, Микеланҷело авҷи олии санъати даврaи Эҳё ба ҳисоб меравад.

## Леонардо да Винчи

Леонардо да Винчи рассоми бузурги даврaи Эҳё буд. Ӯ соли 1452 дар шаҳри Винчии назди Флоренсия таваллуд ёфтааст. Нозукиҳои ҳунарро дар Флоренсия аз устодони машҳури он давра омӯхтааст. Асарҳои офаридаи Леонардо да Винчи «Мона Лиза», «Мадонна Лита», «Шоми махфӣ» ва ғайра мебошанд, ки дар онҳо рассоми бузург зебоии инсонро тасвир кардааст.



Расми 38. *Леонардо да Винчи.*
*Чеҳраи зебо.*



Расми 39. *Леонардо да Винчи. Мадонна дар магора*

## Рафаэл

Рафаэл эҷодкори фаъолу намоёни давраи Эҳё буд. Соли 1483 дар Урбин таваллуд ёфтааст. Нозукиҳои расмкаширо дар айёми кӯдакӣ аз падараш омӯхтааст. Сипас, Рафаэл барои таҳсил ба

Флоренсия омад. Мавзӯи дӯстдоштаи Рафаэл Мадонна аст. Симои Мадонна чунон дурахшону рангин ва моҳирона таҷассум ёфтааст, ки ҳеҷ рассоме дигар ба ин гуна муваффақият ноил нагаштааст. Беҳтарин асари Рафаэл «Мактаби Афина» ба шумор меравад. Дар ин асар симои файласуфони Юнон бо шогирдонашон хеле пурмазмуну рангин тасвир шудааст. Рафаэл чун рассоми чеҳранигор тасвирҳои гуногунро низ ба қалам додааст. Ба расми 40 нигаред.



Расми 40. *Рафаэл. Мадоннаи Сикстинӣ*

# Микеланҷело

Микеланҷело чун ҳайкалтароши шуҳратманди давраи Эҳё дар мавзӯъҳои гуногуни ҳаётӣ ва таърихӣ асарҳои бебаҳо офаридааст.

Микеланҷело соли 1475 дар Капрез (назди Флоренсия) таваллуд шудааст. «Муҷассамаи Давид» беҳтарин асари рассом ба шумор меравад. Дар тасвир Давид ҳамчун рамзи инсони бузург, ҷавони диловару ҷанговари ватандӯст, бо нигоҳи таҳдидомезу умедбахш ба чашм намудор мегардад. Микеланҷело чунин шуҳратмандию эҷодкориро дар асарҳояш «Моисей», «Офариниши одам», «Муҷассамаи шаб» бо як ҳунари воло ва нотакрор таҷассум намудааст.



Расми 41. *Микеланҷело. Давид*

**Саволҳо:**

1. Давраи Эҳё дар таърихи оламиён чӣ гуна дигаргуниҳо овард?
2. Сабаби ба вуҷуд омадани давраи Эҳё дар чист?
3. Асосгузорони давраи Эҳё киҳо буданд?
4. Чаро асосгузорони давраи Эҳёро эҷодкорони бузург меноманд?
5. Кадом асарҳои Леонардо да Винчиро медонед?

# Дарси 12

## Оройиши нақшу нигор

Ҳар як оройиши нақшу нигор бо қонунмандӣ ва ҷиҳатҳои бадеии худ зебу зинати тасвирро афзун менамояд. Чунин зебоӣ дар оройиши нақшу нигор, намоишҳо, эълонҳо, рӯзнома ё овезаҳои деворӣ, либосҳо, даъватномаҳо, тахтаҳои фахрии аълохони мактаб, аёниятҳо ва ғайра истифода мегардад.

Барои ҳамин омӯзиши ҳамаҷонибаи воситаи нақшу нигор, тарзи композитсия, ранг ва расм ба ҳар яки шумо натиҷаи хуби ҳунармандӣ мебахшад. Чунин тарзи омӯзиш дар ташаккул ва ривоҷи ҳиссиёти эҷодкорӣ, ранг, шаклҳо ва дар корҳои амалии ояндаи тасвирӣ натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Акнун ба шумо тавсия медиҳем, ки супоришро иҷро намоед.

1 . Оройиш дар шакли хатти рах-рах барои эълонҳои консерт дар толори мактаб.

2. Оройиши нақшу нигор барои даъватнома ба намоиши асарҳои рассомони тоҷик.

3. Ангораи оройишӣ, либоси идона бо якчанд ранг.

Дар мавриди сохтани ангораи нақшу нигор дар навбати аввал оид ба тарзи оройиш тасаввуроти дуруст пайдо намудан зарур аст.

Агар ба шумо лозим шавад, ки оройиши эълонро ранг намоед, дуруст фикр кунед, ки ҷойгиршавии нақшу нигор ба кадом тарафи эълон мувофиқат мекунад. Инчунин таносуби нақшу нигор ба андозаи эълон бояд мувофиқат намояд.

Кӯшиш намоед, ки оройиши нақшу нигор аз ҷиҳати композитсия ва тарз зебо иҷро гардад. Барои оройиши корҳои амалӣ низ ин нақшу нигорро тавсия медиҳем. Дар вақти холӣ метавонед мустақилона ангораи ин супоришҳоро мувофиқи мавзӯъҳои номбаршуда ба тарзи дигар тартиб диҳед.



Расми 42.



Расми 43.



Расми 44.

## Дарси 13

## Олами ҳайвонот

Ҳайвоноти гуногуни олам дар табиат хеле зиёд буда, бо ҳаёти инсон зич алоқаманд аст. Мавзӯи тасвири ҳайвонот дар эҷодиёти рассомон мақоми хоссе дорад. Кӯдакон дар айёми мактабхонӣ бо шавқи зиёд расми ҳайвоноти гуногунро мекашанд. Ин шуғли дӯстдоштаи мактабиён мебошад. Аз ҳамин сабаб онҳо аз омӯзгор тарзи дуруст ва мароқовар кашидани расми ҳайвонотро пурсон мешаванд. Дар мавриди расмкашӣ тарзи дурусти сохтани шакли анатомиро, ки дар асоси он кори амалӣ иҷро мешавад, бояд ба назар гирифт.



Расми 45.



Расми 46.

Барои дуруст ва асоснок тасаввур кардани сохти анатомии ҳайвон онро ба тарзи ангора кашед ва дар оянда барои кашидани расм истифода баред. Акнун барои мароқовару дуруст кашидани расм ҳангоми ҳаракатҳои гуногун дар варақ кӯшиш намоед, ки тасвир бо хатҳои фарққунанда огоз шавад. Сипас, онро бо рангҳои равшан, ки расмро пурнур мекунад, таҷассум созед. Ҳангоми бо ранг кор кардан қисмҳои алоҳидаро бо нӯги мӯйқалам, ҷойҳои соягиро моҳирона бо ранги ториктар тасвир намоед. Ба ин восита тобиш ва ҳамоҳангии рангҳо дар тасвир назаррас мегардад. Барои дуруст ичро намудани ин мавзӯъ расмҳои 45 ва 46-ро тавсия медиҳем.

## Дарси 14

## Оройиши стендҳо ва намоиши асарҳои бадеӣ

Дар бинои коргоҳу мактабҳо мо ба стендҳо дучор меоем, ки онҳо ба ифодаи мақсаду маром ва ё комёбию дастовардҳо сохта шудаанд. Дар сохтани чунин стендҳо эҷодкорӣ ва тахайюли бадеӣ нақши муҳим мебозад, то ки онҳо зебо, ҷолиб ва рангин бошанд. Стендҳои оройишӣ аз ҷиҳати андоза ва шакл хеле гуногунанд. Бинобар ин стендҳо ба ду гурӯҳ дарозмуддат ва муваққатӣ ҷудо мешаванд. Стендҳои дарозмуддат аз ҷиҳати устуворӣ ва оройиш кори ҷиддӣ ва вақти зиёдро талаб менамоянд. Дар стендҳои дарозмуддат намоиши асарҳои рассомон, комёбиҳо дар соҳаҳои илм,



Расми 47.



Расми 48.

техника, саноат, кишоварзӣ ва ғайра тасвир ёфта, онҳо ба муддати чандин сол гузошта мешаванд. Дар дарси меҳнат бо ёрии муаллими меҳнат чунин стендро аз фанер ва матоъ созед. Асарҳои рассомонро тавре гузоред, ки равшан ба назар намоён шаванд. Барои ҳамин дар қатори аввал (қисми боло) расмҳои рангаи чеҳранигорӣ бо қалам ё ин ки ба тарзи графикӣ иҷрошуда ҷой мегиранд. Қисми кулолӣ ва ҳайкалтарошӣ дар болои миз ё такягоҳи устувор гузошта мешавад. Чунин намоишҳоро дар синф аз расмҳои беҳтарини талабагон ташкил кардан мумкин аст.

# Дарси 15

## Оройиши графикӣ

Оройиши плакат тасвири графикист, ки одатан бо якчанд ранг иҷро мегардад. Нақшаи асосии плакат навиштани матни мухтасари даъватиест, ки шакли дурахшони рангҳоро талаб мекунад. Дар оройиши графикӣ ва плакат ранги сиёҳ ва когази сафед истифода бурда мешавад ва дар он асосан як тобиши ҳамвор тасвир меёбад.

Тасвири композитсионии плакат ба равшанию дурахшонии рангҳои пасту баланд вобаста аст. Вазифаи асосии тасвири плакат эҷодкорона ва бо завқи баланди зебоӣ офаридан аст. Хоҳед, ки расмҳои шумо ба мазмуни оройиши плакат бахшида шаванд, расмкаширо аз ҳар ҷиҳат инкишоф диҳед, ки дар мавриди иҷрои ин супориш душворӣ накашед. Барои иҷрои оройиши плакат расмҳои 49 ва 50-ро ба шумо тавсия медиҳем.

Плакат ҳамчун навъи ҳунар вазифаи тарғиботиро иҷро менамояд. Он асосан рӯйдодҳои муҳимми таърихию сиёсиро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, плакат ба ду навъ ҷудо мешавад.
Плакати ташвиқотӣ;
Плакати тарғиботӣ.

Аз ҷиҳати мавзӯъ плакатҳоро ба навъи сиёсӣ, доир ба корхонаҳои техникӣ, сохтмон, кишоварзӣ, муҳофизати меҳнат, маданият, маориф, тиб, рекламаи кино ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст.



Расми 49.



Расми 50.

## Дар вақти холӣ

Аз дарсҳои гузашта бо тарзҳои муҷассамасозӣ шинос ҳастед. Ҳар як муҷассама дар асоси ангора, ки шумо онро тасвир намудед, сохта мешавад. Дар вақти холиятон симои нисбатан мураккабтарро пешниҳод менамоем. Аксари ҷузъҳои тасвиршавандаро шумо аз ҳикоятҳо шунидаед ва дар тасвири расмҳо дидаед. Дар асоси ин тасаввуроту хаёлот симои Эраҷпаҳлавон - шахси далеру шуҷоъро тарзе тасвир созед, ки ҳар як ҷузъи тасвиршуда симои бузурги каҳрамонро ифода намояд. Азбаски симои асосии расм Эраҷ аст, диққати асосиро ба он равона созед, ки муҷассама образнок таҷассум ёбад. Барои ҳамин фикр кардан лозим, ки онро чӣ тавр тасвир менамоед.

Симои қаҳрамон бояд дар ҳолатҳои гуногун, масалан дар майдони мубориза ҳангоми набард инъикос гардад. Кӯшиш кунед, ки симои бузурги Эрачпаҳлавонро дар муҷассама аз ҳар ҷиҳат мароқовару дурахшон нишон диҳед. Дар навбати аввал барои устувор нигоҳ доштан такягоҳ созед. Сипас, ҳайкалро аз лундаи яклухт ва ё қисм-қисм бо ҳам часпонида созед, баъд бо кафи даст ва белчаи махсуси гилсозӣ дар ҳолати намнокӣ ҳамвор кунед, ҷойҳои фарққунандаро бо гили иловагӣ пайваст намоед. Ҳамеша саъй намоед, ки қаҳрамон аз ҳар ҷиҳат мароқовару пурмазмун таҷассум ёбад.



Расми 51.

# Дарси 16

## Оройиши таррохӣ дар муҷассамасозӣ

Дар муҷассамасозӣ ва оройиши он одатан аз пластилин, гил истифода мебаранд. Барои муҷассамасозӣ мувофиқи мавзӯи интихобшуда, масалан, пайкараи ҳайвонот, пеш аз ҳама ангора тартиб диҳед. Дар асоси тахайюли эҷодӣ мавзӯъро аз ҳар ҷиҳат пурқувват намоед, то ки муҷассама образнок тасвир гардад. Дар огози кор барои мустаҳкам нигоҳ доштани муҷассама лозим аст, ки такягоҳи устуворро аз сими мулоим ба шакли расм мувофиқ омода намоед. Сипас бо гил ба сохтани ҷузъиёти муҷассама машғул шавед. Азбаски гил маводи тезхушкшаванда аст, кӯшиш намоед, ки онро дар ҳолати намнокӣ нигоҳ доред. Аз гили намнок шумо сифати маҳсулотро мувофиқи хости худ беҳтар намуда, ба натиҷаи хуб соҳиб мешавед. Муҷассама дар оройиши биноҳо ба тарзи барелеф ва гайраҳо истифода мешавад.

Мардуми мо анъанаҳои хуби оройиширо аз гузашта ба мерос гирифтаанд. Дар офаридани нақшу нигор ба туфайли завқу маҳорат ва тахайюли худ нақшҳои наву замонавиро эҷод кардаанд, ки ҳусни он дар оройиши таррохӣ акс ёфтааст.

Барои иҷрои кори муҷассамасозӣ расмҳоро аз назар гузаронед (расми 52, 53) ва ба сохтани муҷассама омода шавед. Қисмҳои алоҳидаро бо ранги гуаш оро диҳед. Аммо ҳайкалҳои аз гил сохтаро баъди хушк шудан оро диҳед. Агар имкон бошад, онҳоро дар танӯри кулолӣ хушконед. Муҷассамаи сохтаатонро метавонед барои намоиши мактабӣ пешниҳод намоед.



Расми 52.



Расми 53.

# Дарси 17

## Оройиши солинавӣ

Барои оройиши солинавӣ ангораеро тартиб диҳед, ки дар он аз воқеияти атроф, доираи ҷаҳонбинӣ ва тахайюлоту тасаввурот васеъ истифода шавад, то ки ҳунари зебо аз ҷиҳати бандубаст (композитсия) мароқовару рангин ба вуҷуд ояд. Шояд дар тасвири оройиши манзараи табиат, Бобои Барфӣ, Барфак бо тӯҳфаҳои солинавӣ, талабагон, ки ниқоби шаклҳои гуногуни ҳайвонотро пӯшида, машғули рақсу сурудхониянд, акс гардонанд.



Расми 54.

Оройиши расмҳо тарзе тасвир гардад, ки Бобои Барфӣ аз ҷиҳати образнокӣ дар расм ба назар фарққунанда намоён шавад. Суратҳои боқимондаро аз ҷиҳати шаклу ҳаракатҳо ба таври гуногун тасвир намоед.

Дар мавриди бо ранг кор кардан ба ҷиҳати равшанию торикӣ, ки ба гуногунии рангҳо вобаста аст, диққат диҳед. Кӯшиш намоед, ки дурахшонии оройишии рангҳо аз ҷиҳати равшанию торикӣ назаррас гардад. Барои ҳамин дар мавриди бо ранг кор кардан аз рангҳои равшан огоз намоед ва сипас бо рангҳои торик ҷойҳои сояро бори дигар зиёд намоед. Кӯшиш намоед, ки шаффофии рангҳо аз ҷиҳати тобишу тозагию ҳамоҳангии фазои атроф коста нагардад. Аз ин рӯ, равшанӣ ва торикии рангҳоро бори дигар бисанҷед. Дар фикри он бошед, ки оройиши солинавӣ мароқовару рангин таҷассум гардад. Тарзи иҷрои амалро аз расм омӯзед. Дар мавзӯи оройиши солинавӣ мустақилона расмеро тасвир намоед, ки кӯдакони хандонрӯ дар атрофи Бобои Барфӣ ва Барфак дар мавриди суҳбат акс шаванд.

## Дарси 18

## Суҳбат оид ба санъати тасвирии халқи тоҷик

Санъати тасвирии халқи тоҷик таърихи қадим дорад. Бостоншиносон тадқиқ намудаанд, ки намунаҳои санъати тасвирии аҷдодамон ба мавҷудияти давлатҳои қадимии Юнону Бохтар, яъне ба асрҳои IV-I-и пеш аз мелод тааллуқ доранд.

Бисёр бозёфтҳои қадимӣ бо мазмуну сифат ва тарзи оройиш аз ёдгорҳои давраи эллинизм камӣ надоранд. Дар давраи аввали ҳукмронии сулолаи Кушониён, Сосониён ва арабҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, нақшу нигор, меъморӣ ба авҷи аълояш расида буд.

Ҳафриёти ёдгорҳои қадимӣ дар Панҷакент, Шаҳристон, Варахша (назди Бухоро), Самарқанд, Тахористон, Бадахшон далели ин аст.

Дар асрҳои V-VIII-и санъати тасвирии монументалӣ, оройишию амалӣ ва ҳайкалтарошӣ ба авҷи аълои инкишоф расид. Ҳайкали азими 12-метрии Будои хобида бо релефҳои аҷиб, нақшу нигори зебои рӯйи девор аз маъбади будоии Аҷинатеппаи водии Вахш ёфт шудааст. Ҳайкал аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин давра санъати тасвирию меъморӣ бо ҳам омехта, ба анъанаи мадании Ҳиндустон қаробат дорад. Аз Истаравшан, Сугд, Бохтар бисёр деворнигораҳо бо релефҳои гилию чӯбӣ ва ҳайкалҳои аҷибу гариб ба даст омаданд.

Тасвирҳои рӯйи девор нисбат ба муҷассамасозӣ афзалият пайдо карда, санъати тасвирии анъанаи маҳаллӣ, яъне осиёимиёнагӣ ташаккул ёфт (Осори Панҷакент, Афросиёб, Варахша, Истаравшан, Шаҳристон ва гайра). Мазмуни деворнигораҳо бештар саҳнаҳои базм, маросими қабул, лавҳаҳои шикор, корномаҳои Рустам, Сиёвуш ва гайраҳоро дар бар гирифтаанд.

Дар тасвири онҳо бисёр ҳолати манзараҳои ҷангу муҳорибаҳои печдарпечу пуртаъсир намоёнанд, ки бинандаро дар ҳайрат мегузорад. Масалан, лавҳаҳое мисли тасвири нардбозӣ, гӯштингирӣ ва як гурӯҳ ҷанговарони савора низ дучор меоянд. Тасвири ин лавҳаҳо аз ҳар ҷиҳат зебову назаррабо бо ҳамбастагии рангҳои баланду равшани гуногунтоб офарида шудаанд. Расмҳои рӯйи девори Сугд на фақат чун осори давраи худ эътироф шудаанд, балки аҳаммияти умумитаърихӣ низ доранд, зеро гарчанде тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фаро нагиранд, энсиклопедияи ҳақиқӣ мебошанд.

Баъд аз истилои арабҳо санъати тасвирӣ дар Осиёи Марказӣ рӯ ба таназзул ниҳод, ҷойи мусаввараву суратҳои пешинаи воқеиро тадриҷан нақшу нигор гирифт.

Санъати тасвирии ҳозира дар замони шӯравӣ ба вуҷуд омад, ки ба замони нав ҳамовоз буда, ба тарзи нав тағйир ёфтани ҳаётро инъикос менамуд. Дар ҷумҳурӣ омӯзишгоҳи рассомӣ боз шуд, ки рассомони касбиро тайёр мекунад. Аз ҳамон замон санъати тасвирӣ ба ҳаёти маънавӣ ва мадании Тоҷикистон



Расми 55. *Хошмуҳаммадов М. Р. Зимчурӯд*



Расми 56. *Абдураҳмонов И. А. Тирамоҳи кӯҳсор*



Расми 57. *Сапронов В. П. Чеҳраи Артисти халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ. Гадоев*



Расми 58. *Планутет Г. А. Солҳои пурошӯб*



Расми 59. *Ҳабибуллоева З. Н. Қишлоқи геологҳо*

дохил гардид. Махсусан, дар солҳои 50-60-уми асри XX санъати тасвирӣ ҳамаҷониба инкишоф ёфт ва ба дараҷаи баланди касбӣ расид. Бисёр рассомони боистеъдод ба камол расиданд, ки бо асарҳои гаронбаҳои худ берун аз ҷумҳурӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд. Бо ҳунари зебову рангини рассомон М.Хошмуҳаммадов, А.Ашӯров, Х.Хушвахтов, З.Ҳабибуллоев, Т.Умаров, М.Бекназаров, З.Довудов, С.Шарипов, Ҷ.Расулов, Г.Кузмин, А.Бесперстов, В.Одинаев ва дигарон санъати тасвирии тоҷикӣ инкишоф ёфт. Дар солҳои охир бисёр биноҳо, кӯчаю хиёбонҳои ҷумҳурии мо бо оройиши тасвири монументалии рӯйи девор ва ҳайкалҳову нимпайкараҳои мутафаккирони бузург ва қаҳрамонони миллат, ки ба симои меъмории шаҳр ҳусни тоза зам мекунанд, зиёратгоҳи доимии мардум гардидаанд.

Аз замонҳои қадим рассомон ба жанрҳои санъати тасвирӣ: манзара, натюрморт, портрет машғул мешуданд. Ҳар як рассом ба воситаи тасвир кӯшиш мекунад, ки ҷаҳонбинии шоиронаи худро нисбат ба олами атроф нишон диҳад. Дар ҷумҳурии мо ба жанри манзара аксари рассомон мурочиат мекунанд. Манзара



Расми 60. *Ашӯров А. Д. Акси рассом*



Расми 61. *Боборикин В. М. Бригадаи занон дар хирман*

(пейзаж) жанри санъати тасвирӣ буда, предмети асосии он табиат аст. Манзаранигорӣ дар Аврупо аз асри XVII вуҷуд дошт ва ба санъати рус ва Осиёи Марказӣ таъсир расонда, ривоҷ ёфт. Минбаъд дар асрҳои XVII-XIX ба авҷи аълои худ расид. Рассомонеро, ки дар жанри манзара кор мекунанд, манзаранигор меноманд. Дар манзараҳои рассомон сохтмонҳои ҷумҳурӣ, симои нави ҳамзамонон инъикос ёфтаанд.

Рассомон манзараҳои зебои кишвари ҳамешабаҳори кӯҳсорро бо дарёву саҳроҳо ва сарзамини паҳновар тасвир менамоянд.



Расми 62. *Комилин А. Н. Гулҳои тирамоҳӣ*

Табиати кишвари мо дар эҷодиёти манзаранигорони ҷумҳурӣ равшан таҷассум ёфтааст. Дар расмҳои онҳо зебоиҳои табиати рангину аҷоиби диёрамон инъикос гардидаанд. Дар байни онҳо тасвири манзараҳои рассомон М.Хошмуҳаммадов, А.Абдуллоев, З.Ҳабибуллоев, М.Бекназаров, Г.Н.Кузмин, Т.Умаров, Х.Хушвахтов, Ҷ.Расулов, С.Шарипов, А.Сайфиддиновро дидан мумкин аст.



Расми 63. *Шарипов С. Н. Мактуб*

## Дарси 19

## Манзараи зимистон

Манзараи зимистон дорои ранг ва таровати хоссу таносуби нотакрор аст. Манзараеро интихоб намоед. Кӯҳсор, теппа, деҳа, хонаҳои пасту баланди барфпӯш ва гурӯҳи одамони машғули лижабозӣ, чанабозӣ, ки аз теппаҳо ба нишебиҳои пасту баланд ва ба ҳар тараф давутоз мекунанд. Ва гурӯҳи кӯдакон машғули аз барф сохтани ҳайкалҳои гуногун мебошанд. Хулоса, ҷойро тарзе интихоб намоед, ки нуқтаи тасвири композитсия аз ҳама ҷиҳат мароқовару дурахшону назаррас бошад. Дар мавриди офаридани расм истеъдоди хубу офарандагӣ зарур аст, то ки

бо бадеияти баланд асари қобили таваҷҷуҳ офарида шавад. Барои иҷрои ин мақсад зарур аст, ки мавзеи манзара назаррабову зебо интихоб карда шавад, то ки бо тасвири ҳаракати хатҳои мароқовар ҳамвориҳои гуногуни фазоӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии дуру наздик фарққунанда тасвир гардад. Азбаски тасвири манзара бо баъзе ҷиҳатҳои композитсионӣ ва обу ранги худ фарқ мекунад, кӯшиш намоед, ки тасвири расмҳо бо ҳаракатҳои гуногуни рангҳо манзараро фаро гирад. Ба мароқовар будани ҷойгиршавии муҷассамаҳои алоқаманд, ки дар масофаҳои дуру наздик воқеъанд, эътибор бояд дод. Аз рангҳои кабуди осмонӣ, нилобӣ, кабуд, бунафш, ки обу рангро аз ҳама ҷиҳат дурахшон мегардонад, истифода баред. Тасвири манзараро бо ранги яклухти равшании фазоии перспектива нигоҳ доред. Дурахшонии рангҳои баланди қатори пешро, ки кӯдакон ба бозиҳои гуногун машғуланд, дар хотир доред ва дар расм бо рангҳои баланду фарққунанда назаррабо гардонед. Хоҳед, ки кори амалӣ хуб иҷро шавад, муқоисаи расмро аз ҷиҳати рӯшноиву сояафкании фазоӣ бисанҷед, норасоиҳои расмро бартараф созед, то ки тасвир бо таровати хоси ҳунармандӣ таҷассум гардад.



Расми 64.



Расми 65.



Расми 66.

**Саволҳо:**

1. **Манзараи зимистон дорои чӣ гуна рангҳост?**
2. **Дурахшонии тасвир ба чӣ вобастагӣ дорад?**
3. **Чаро гуногунии рангҳоро дар расм тасвир менамоянд?**

## Дарси 20

## Корҳои оройишӣ

Оройиши нақшу нигор дар табақ, коса, пиёла.

Оройиши нақшу нигор санъати дӯстдоштаи мардуми мо ба шумор меравад. Ҳар як асбоби хона, либосу қолӣ, табақу коса ва ғайраҳо бо нақшу нигор оройиш дода мешаванд.

Оройиш мавзӯъҳои хеле гуногунро дар бар мегирад. Нақшро аз рӯйи нусхаи аслӣ эҷод мекунанд. Шумо ҳангоми оройиши нақшу нигор дар рӯйи когаз гулҳои гуногунро тасвир мекунед. Барои оройиши нақш ангораеро тартиб диҳед, ки онро гулу мева, наботот ва тарзҳои бандубасти хатҳои пайвастшаванда пурнур намоянд. Шумо метавонед барои оройиши табақу коса яке аз нақшҳои ба худатон писандро интихоб намоед. Фаромӯш накунед, ки нақшҳои зеборо дар ороиши махсус барои ҷашну идҳои гуногун эҷод менамоянд. Шумо дар оройиши композитсия метавонед одамони алоҳида ва ё манзараи ҳаётиро, ки бо дасти инсон обод гаштааст, таҷассум намоед. Барои акс намудани оройиши зебо тобиши рангҳоро аз ҳар ҷиҳат пурнур гардонед, то ки аз ҷиҳати гуноғунии рангҳо дурахшону назаррас гардад. Барои оройиши нақшу нигор ин тасвирҳоро тавсия медиҳем (расмҳои 67, 68).



Расми 67.



Расми 68.

# Дарси 21

## Санъати Рус

Сарчашмаи санъати Руси қадим ба маданияти қабилаҳои славянҳои шарқӣ зич алоқаманд аст. Санъати Рус дар ҳамаи давраҳо ба пешрафти маданияту меъмориҳои гуногун таъсири худро расонида буд. Дар шаҳрҳои Новгород, Маскав, Санкт-Петербург ва ғайра иншооти меъмории ҷолиб бунёд шуданд. Соли 1757 дар Санкт-Петербург Академияи санъат ташкил гардид, ки бисёр хатмкардагони он рассомони намоён, аз қабили И.М. Крамской, А.А. Иванов, В.В. Перов, И.И. Шишкин, И.И. Левитан, И. Репин, В.И. Суриков, И. Айвазовский, В.А. Серов, К.П. Брюллов ва дигарон соҳиби шуҳрати ҷаҳонӣ гардидаанд. Асарҳои рассомони рус дар жанрҳои манзаранигорӣ, чеҳранигорӣ ва тасвири воқеаҳои таърихӣ хеле пурмазмуну рангин офарида шуданд ва дар таърихи санъати ҷаҳон мавқеи хос пайдо намудаанд. Махсусан, рассоми хушсалиқа И.И. Шишкин дар манзаранигорӣ ниҳоят шуҳратманд аст. Асарҳои офаридаи ӯ ба манзараҳои рангини сарзамини беканори Рус бахшида шудааст. Рассоми боистеъдод И.И. Левитан ҳамчун манзаранигор асарҳои  рангин офаридааст. Асари офаридаи ӯ «Тирамоҳи заррин» аз ҷиҳати офариниш ва ҷилои рангҳо зебо ва хотирнишин тасвир ёфтааст. Дар жанри чеҳранигорӣ ва мавзӯи воқеаҳои таърихӣ аз ҷониби И. Репин асарҳои «Киштикашони Волга», «Запорожиён» ва дигар асарҳо офарида шудаанд. Мусаввирони рус дар ҳамаи давру замонҳо ба пешрафти маданияту санъат диққат медоданд. Махсусан, баъди Инқилоби Октябр санъати халқи рус пешравиҳои бузург ба даст овард, ки шаклан давраи Эҳёро ба ёд меорад. Ин даврро барқароршавии санъати давраи Эҳё - реализми сотсиалистӣ меноманд. Дар атрофи он намояндагони миллатҳои гуногун имкон пайдо намуданд, ки санъати шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистиро дар сарзамини худ инкишоф диҳанд (Расмҳои 69, 70, 71, 72, 73, 74, 75, 76, 77).

Санъати тасвирии рус бо зебоӣ ва нафосати рангҳои табиат диққати ҳар як бинандаро ба худ ҷалб мекунад. Барои ҳамин ҳар як рассом кӯшиш мекунад, ки мусаввараҳои нафис офарад.

Е.Репин ҳамчун рассоми боистеъдод дар ҳама соҳаҳои



Расми 69. *Репин И. Е. Киштикашони Волга*

наққошӣ машҳур гаштааст. Дар эҷодиёти ӯ образҳои одамони гуногун таҷассум гардидаанд. Бисёр расмҳои ӯ мавзӯъҳои гуногуни таърихиро дар бар мегиранд. Дар тасвири киштикашон рассом ҳаёти вазнини иҷтимоии одамонро акс намудааст.

Аз композитсия равшан мегардад, ки рассом онро бо як эҳсосот ва хаёлоти рангину ҳунари баланд эҷод намудааст.

Чунин манзараҳои табиати рангинро рассоми бузург И.И. Шишкин низ дар расмҳои зиёди худ таҷассум намудааст.

Дар он манзараҳои паҳновари сарзамини рассом, ки бо заҳмати инсон obод гаштааст, тасвир ёфтаанд. Дар чунин тасвирҳо рассом обу ранги равшанро моҳирона истифода бурдааст.

Ҳар як тасвири манзара зебоии хос ва хусусияти нотакроре дорад. Рассом И.И. Левитан композитсияи «Тирамоҳи заррин»-ро тавонистааст моҳирона тасвир намояд. Дар тасвири ин манзара ӯ табиати беканору паҳноварро бо ҳунари рангин акс намудааст. Дар он рассом як гӯшаи рангини табиатро, ки аз ҷиҳати обу ранг ниҳоят назаррабост, ба қалам додааст. Манзараи дарахтону дарёи рангину морпеч бо ҷараёни оромаш ба шахс ҳаловат мебахшад. Рассом манзараи тирамоҳро бо рангҳои заррин, норанҷӣ, ҷигарӣ ва ғайра хеле пурмазмуну моҳирона тасвир намудааст.



Расми 70. *Шишкин И. И. Булутҳо*



Расми 71. *Левитан И. Тирамоҳи заррин*



Расми 72. *Саврасов А. Шӯрнӯлҳо боз омаданд*



Расми 73. *Айвазовский И. Мавҷи нуҳум*



Расми 74. *Васнетсов В. М. Алёнушка*



Расми 75. *Пластов А. Хӯроки шоми тракторчиён*



Расми 76. *Евгений Вутечин. Ҳайкали ҷанговари Армияи Советӣ, ки дар ҷангҳои зидди фашистон шаҳид гаштааст. (Дар Трептовпарки Берлин)*



Расми 77. *Чуйко А. С. Духтари қирғиз*

? Саволҳо:

1. Асарҳои рассомони русро номбар кунед.
2. И. Е. Репин дар асари «Киштикашони Волга» чӣ гуна ҳаётро таҷассум намудааст?

# Дарси 22

## Оройиши бадеии газетаи деворӣ

Дар ҳар як корхона, таълимгоҳи оливу миёна анъанаҳои хуб вуҷуд доранд, ки онҳо ба муносибати ҷашну идҳои гуногун газетаи деворӣ мебароранд. Ҳар як газетаи деворӣ вазифаи таргиботиро иҷро менамояд. Он бо рангҳо оро дода мешавад.

Оройиши газета вобаста ба расмҳои тасвирёфта ба мавзӯъҳои гуногун бахшида мешавад.

Композитсияи газетаи деворӣ бояд хусусияти оройишӣ-декоративӣ дошта бошад. Вазифаи муҳим ин аст, ки расм ё аксҳо мароқовар, бо хусусиятҳои фарқкунанда оройиш дода шаванд, то ки бинанда аз дидани оройиш ҳаловат барад. Сифати газетаи деворӣ ба тарзи оройиш ва зебо навиштани шрифт вобаста аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тарзи ҷойгиршавии расм ва ҳарфҳоро мароқовару эҷодкорона оро диҳем. Барои ҳамин тавсия медиҳем, ки пеш аз навиштани мақолаҳо ва кашидани суратҳои гуногун ба интихоби шрифти он диққат дода, намунаҳои беҳтарини шрифтро интихоб намоед.

Диққати асосиро ба шрифти дастнавис, ки ҷиҳати фарқкунанда дорад, равона созед. Сипас, бо рангҳо ба оройиши шрифт шурӯъ намоед.

Сарлавҳа бояд бо ранги баланду дурахшон навишта шавад, то ки аз масофаи дур хонда шавад. Дар газетаи деворӣ нақш ва расмҳо аз хатҳои фарқкунанда ба тарзи оройишӣ низ истифода




Расми 78.

мешаванд. Ба муносибати Соли Нав дар синфатон газетаи деворӣ бароред. Кӯшиш намоед, ки газетаи деворӣ аз ҷиҳати композитсия мароқовар шавад. Барои намуна аз расми иҷрошуда истифода баред (расми 78).

## Дарси 23

## Ба рӯзи артиш

Ба рӯзи артиш тасвирҳо, муҷассамаҳо, филм ва китобу қиссаҳои гуногун эҷод гаштаанд. Ҳар яки шумо метавонед дар ин мавзӯъ композитсияе созед, ки қисмҳои танкӣ, десанти ҳавоӣ, техникӣ ва ғайраҳоро дар бар гирад. Барои ҷолиб эҷод намудани расм қобилияти фикриро аз ҳар ҷиҳат ба кор баред, то ки композитсия мароқовар тасвир шавад. Дар

тасвир техникаи гуногуни замонавӣ, ҳаракати парашютчиён дар ҳаво ва ҳолатҳои машқи тирандозонро нишон додан мумкин аст.

Тасвирро дар ҳолати ба худатон мақбул ба қалам диҳед. Кӯшиш намоед, ки тасвири композитсионӣ аз ҷиҳати оройиши рангҳо зебову рангин таҷассум ёбад. Барои ҳамин манзараи атрофро бо рангҳои равшану ором дар ҳамоҳангии рангҳои зард акс намоед. Ба ҷилои қисми пеш, ки тавассути рангҳои баланд тасвирро хеле пурнуру дурахшон ва назаррас менамоянд, бо тобиши баланд акс намоед. Ба ҷиҳатҳои фазоии дуру наздики рангҳо эътибор диҳед, ки сифати асар ба онҳо вобаста аст.



Расми 79.

# Дарси 24

## Ангораи тасвири чеҳраи одам

Кашидани чеҳраи одам хусусиятҳои аҷибу душвории худро дорад. Ба тарзи тасвири чеҳра ва андоми одам рассомон дар мавриди эҷодкорӣ шинос мешаванд. Албатта, супориши чунин кор мушкилот дорад. Барои ҳамин тасвири одам вазифаи асосии омӯзиши расмкашӣ ва чеҳранигорист. Барои тасвири барҷастаи чеҳраи одам аввал ба тарзҳои дурусти сохтани таносуби ҳамрангии гуногуни сатҳи баланд бештар диққат додан зарур аст. Барои ҳамин дар мавриди кашидани чеҳраи одам воситаҳои тасвирро моҳирона ва босаводона истифода намоед. Чеҳраи одам шакли даврагӣ, тухм ва ғайраро ба хотир меорад. Дар навбати аввал зарур аст, ки шакли умумии чеҳраи одам, гардишу хамшавии он ба кадом тараф аст, ба назар гирифта шавад.



Расми 80.



Расми 81.

Бавоситаи хатти ми-

ёна нафақат ҳаракати фарққунандаи гардиш мушаххас мегардад, балки тарзи дурусти ҷойгиршавии узвҳои рӯй, бинӣ, даҳон низ муайян мешавад.

Хатти миёна тарзи дурусти ҷойгиршавӣ дар расм таносуби тарафи чап ва рости рӯй ва ғайраро пайваст менамояд. Расмро аз хатҳои тавсияшуда, ки дар ҳолати гуногун кашида шудааст, истифода баред. Чеҳраи одамро бо хатҳои зебои дурахшони фарққунанда ва дар қисми ҷудогона тарзи гузориши штрих, ки рӯшноӣ ва сояафканӣ дар расм назаррас аст, тасвир намоед.

Дар мавриди ҷудогона андоми одамро дар ҳолати кор, варзиш ва ғайра тасвир кардан хубтар аст.

# Дарси 25

## Ангораи оройиши идонаи 8-уми март

Пеш аз он ки ба кори оройиш машғул шавед, бояд ангораи онро дар асоси мавзӯи интихобшуда ба таври хомакӣ муайян намоед. Тарзи оройиши элементро дар ангора аз ҳама ҷиҳат пешакӣ равшан созед. Баъди равшан намудани мавзӯи оройиш мувофиқи нақша лозим аст, ки ҷойи асосии қисми оройишро аз ҳар ҷиҳат дар ангора пурқувват намоед, то ки оройиш барҷаста назаррас шавад. Дар оройиш ғайр аз расм ба таври кӯтоҳ матн бо шрифт низ навишта мешавад.

Таносуб ва дурахшонии рангҳоро дар ангора пешакӣ муайян созед. Кӯшиш намоед, ки дар расм ангораи оройиши идона фаҳмою равшан таҷассум ёбад. Барои пурмазмун будани расм метавонед дар ҷойҳои холӣ элементҳои оройиширо илова намоед. Ороиши намоишӣ асосан дар рӯзҳои ид ва санаҳои таърихӣ истифода мешавад. Барои дурахши оройиш аз рангҳои баланд, ки рахшонию тобишро аз ҳар ҷиҳат пурнуртар менамоянд, истифода баред. Оройиши ангораро ба Иди байналхалқии 8-уми март тарзе




Расми 82.

ба қалам диҳед, ки кураи Замин, гулҳои гуногун, парвози кабӯтар дар ҳавои соф таҷассум шаванд. Барои дурахшонӣ аз рангҳои сурх, сафед, кабуд истифода баред.

Чунин тарзи оройишро дар идҳои Наврӯз, 1-уми Май, Рӯзи Ғалаба тайёр намоед.

## Дарси 26

## Эҷодкорӣ дар мавзӯи афсонаҳо

Мавзӯи афсонаҳо аз ҳама ҷиҳат барои инсон шавқовар аст. Шумо китобҳои афсонаро хонда, бо одамони боақлу доно, пирони хирадманду оқил, дев, париён шинос шудаед. Шояд афсонаҳои Шаҳрзод, Сиёвуш, Эраҷи паҳлавон, корномаҳои Симурғро, ки дар ҳолатҳои гуногуну душвор мададгори одамон буданд, дар хотир доред. Қаҳрамони асосиро аз ҷиҳати



Расми 83.

далерию ҷасурӣ ва чеҳраи ғазабнок тарзе тасвир созед, ки аз ҷиҳати образнокии расм ва тобиши гуногунии рангҳо баръало таҷассум гардад ва бинанда аз нафосати эҷодкории шумо дар ҳайрат монад.

## Дар вақти холӣ

Дар мавриди сайругашт ба гуногунии ҳаракати парандагон дар манзараи рангин эътибор диҳед, чунки дар оянда кашидани тасвири ангораи парандагон лозим меояд. Чунин тарзи омӯзиши биноӣ қобилияти фикрӣ, шавқу ҳавасро ба расмкашӣ хеле инкишоф медиҳад. Омӯзиши кашидани олами рангин вазифаи муҳим аст. Тасвири парандагон душвории хосси худро дорад. Лекин ҳаракати парандагон дар ҳавои софи хушманзара хеле тағйирпазир аст ва кас гумон мекунад, ки онҳо дар ҳолати аксбардорӣ қарор гирифтаанд. Маҳз ҳамин ҳолатро дар оғози



Расми 84.

расмкашӣ, ки парандагон дар ҳолати гуногун ҷой гирифтаанд, иҷро намоед. Расми парандагонро дар ҳолати гуногун ва дорои тобиши фарққунанда интихоб намоед, ки дар тасвир ҷолиб гардад. Сохти анатомии онҳоро бояд аз ҳар ҷиҳат омӯзед ва дуруст тасвир намоед.

Тасвирро аз хатҳои умумӣ, ки ҳаракати бадан, сар, пойҳо ва гайраро дар бар мегирад ва шакли аслии парандаро инъикос менамояд, амалӣ созед. Пас аз кашидани хат қисмҳои ҷудогонаи бадан, сар, пойҳоро бо хат дурахшон намоед, то ки таносуби хатҳои умумии расм ба таври ягона ифода гардад. Барои пурра аз худ намудани фарқи асосии шакл, таносуб, ҳамбастагии қисми бадан лозим меояд, ки на кам аз 4-5 бор ангораи парандаро кашед. Чунин тарзи иҷрои кор ба мароқовару моҳирона ва озод тасвир намудани хатҳои расмкашӣ ёрӣ мерасонад. Дар мавридҳои ҷудогона ба дурахшонии хат ва қисми сояафканӣ, ки ангораро аз ҳар ҷиҳат равшантар менамояд, диққат диҳед. Кӯшиш намоед, ки ҳар як расм бо хатҳои равону нафис акс гардад.

## Дарси 27

## Композитсия дар мавзӯи кайҳон

Композитсия тарзи ҷойгиршавии ҷузъиёти тасвир аст, ки дар якҷоягӣ мундариҷа ва моҳияти гоявии асарро ифода менамояд. Ҳар як рассом кӯшиш менамояд, ки дар бандубасти асар ҷиҳатҳои хосси он ҷолиб ва мароқовар тасвир шавад. Композитсия ба ҳамоҳангии воқеии манзараи табиат ва онро дида тавонистани мо вобаста аст. Композитсия дар асоси мавзӯъ ҳамаҷониба дурахшону рангин эҷод мегардад. Мавриди дурахшон тасвир кардани чизи асосӣ вазифаи аввалиндараҷаро композитсия иҷро



Расми 85.

менамояд. Дар асоси мавзӯъе композитсия тартиб диҳед, ки дар кайҳон дар манзараи афсонавӣ тасвир гардида бошад. Тасвирро аз нуқтаи аввали парвоз, ки бо қисмҳои гуногуни техникӣ сохта шудаанд ва композитсия дар асоси он аз ҳар ҷиҳат пурмазмун менамояд, сар кунед. Диққати асосиро ба андоза, шакл, ки хеле

фарқ доранд, равона созед. Масалан, давраи аввали парвоз аз манзараи атроф, дурахшонии рӯшноиву рангҳо хеле фарққунанда мебошад. Чунин дигаргунӣ дар ҳолати парвози масофаҳои гуногун назаррас аст. Дар мавриди бо ранг кор кардан гуногунии тобиши рангҳоро дар хотир нигоҳ доред.

Акнун кӯшиш кунед, ки ҷилои рангҳои сояҳо нисбат ба қисмҳои равшан хубтар набошанд, ба ранги аввала камтар ранги бунафшро, ё ин ки ранги гулобӣ, кабуд омехта кунед. Бо мӯйқалам баъзе ҷузъҳо ва рангҳоро чи тавре ки дар расм нишон дода шудааст, ба охир расонед.

# Дарси 28

## Оройиши интерйер

Интерйер - як тарзи оройиши дохили бино мебошад. Дар манзиле, ки шумо истиқомат менамоед, ҷойҳои алоҳида ороиши хос доранд. Ҳангоми тасвири интерйер ба дуруст ва ҷолиби таваҷҷуҳ будани тарзи ҷойгиршавию хусусияти фарққунандагии ашё, ки дар асл дида мешавад, диққати махсус додан лозим, ки он ба маҳорату ҳунари рассом алоқаманд мебошад. Барои таъсирбахшу рангин тасвир намудани интерйер пайвастшавии тахайюли бадеӣ дар ҳамбастагӣ бо лаёқати рассомӣ корбаст шудан ҳатмӣ мебошад ва дар натиҷа асари хубе эҷод мешавад.

Барои ҳамин зарур аст, ки тасвири хатҳоро бо чашм дида ва аз худ намуда, зебоии аслии предметро тасвир кунед. Амали тасвирро аз хатти арз оғоз намоед. Сипас, дар он нуқтаеро гузоред, ки бо ёрии ин нуқта хатҳои дурусти перспективаро сохтан мумкин бошад. Сураткаширо аз рӯйи расми 86 иҷро намоед. Дар асоси тавсияҳо интерйери оройиши мактабу синфро бо композитсияи гуногун дар мавзӯи иди Наврӯз, афсонаҳо,



Расми 86.

кайҳон ва ғайраҳо дар вараки расмкашӣ мустақилона тасвир кунед.

# Дарси 29

## Тасвири манзараи баҳор

Табиат дар фасли баҳори нозанин - айёми гулҳо хеле рангину дилчасп ва назаррас аст. Кӯҳу теппаҳо, саҳроҳо ва умуман табиат аз хоб бедор мешаванд. Марди деҳқон ба киштукори саҳроӣ, ниҳолшинонӣ машғул мешавад. Дӯстдорони табиат дар ин фасл барои тамошо ва чидани гулҳо ба кӯҳсор, талу теппаҳо мераванд. Манзараи ҳаловатбахши марғзорони суманхез, дарахтони бодому шафтолу, санҷиду анҷир, зардолуву себ гуворо мегардад. Аз парвози парандагони хушхон дар оғӯши гулҳо ва насими ҳаловатбахш табиат хеле рангину назаррабо мешавад ва диққатро ба худ мекашад. Лаҳзаи аввалро аз хатҳои борик, ки ҳолати дурусти ба шакл даровардану диққатҷалбкунанда будани манзараи ҳаловатбахши тасвиршавандаро инъикос мекунанд, оғоз кунед.

Расмро тавре ба қалам диҳед, ки хатҳои фарққунандаи манзара бо баландиҳои кӯҳ ва нишебҳои теппаҳову саҳрои беканор дуруст инъикос гардад. Ҳамчунин он гуногунии манзараро дақиқ муайян кунад. Пас аз ин дар тасвири манзара бояд хатҳои гуногун ба шакли фарққунандагии манзара, ҳудуди байни равшанӣ ва соя дар ҳамворӣ назаррас тасвир гардад. Дар мавриди бо ранг кор кардан самти рӯшноӣ, сояафканӣ ҳолати уфуқӣ ё амудии худро нигоҳ дорад. Инчунин фарқи дурахшонии тобиши манзараро, ки дар натиҷаи таъсири рангҳои атроф хеле тағйир меёбад, ба эътибор гиред. Дар иҷрои кор аз рангҳои равшан, ки гуногунии тобиши манзараро ифода мекунанд, истифода баред ва дар тасвир рангҳои аслии манзараро нишон диҳед.

Азбаски рангҳои манзараи баҳор хеле гуногунанд, тасвирро аз рангҳои равшан сар кунед, чунки онҳо рӯшноӣ ва сояафкании гуногунии пастию баландиро дар манзара дурахшон месозанд. Саъй кунед, ки манзара бо рангҳои сабзи паст, сурх, гулобию бунафш ва дигар рангҳои мувофиқ, ки зебоии манзараи тасвиршударо дар оғӯши таносуби тобиши рангҳои ҳаловатбахш ба анҷом мерасонанд, тасвир гардад.



Расми 87.



Расми 88.



Расми 89.

**Саволҳо:**

1. **Чаро баҳорро фасли рангин меноманд?**
2. **Манзараи баҳор дар расм бо кадом рангҳо тасвир шудааст?**
3. **Зебоӣ ва дурахшонии расм ба чӣ вобаста аст?**

## Дарси 30

## Натюрморт

Азбаски тасвири натюрморт аз предметҳои гуногун иборат аст, дар вақти тасвир кӯшиш кунед, ки ашёи натюрморт дар коғаз дуруст ҷой дода шавад. Натюрмортҳое, ки аз предметҳои кӯза, китоб, барг, парда иборатанд, ҳаҷман ва шаклан хеле фарқ доранд ва шумо ҳангоми тасвир кардан ба ин фарқҳо диққат диҳед. Расмро аз хатҳои борик оғоз намоед, ки тасвири тахминии шакли умумии предметҳоро дурахшон менамояд. Дар асоси ин хатҳо шакли аслии предметҳоро муайян сохта, кӯшиш кунед, ки сурат дақиқтару мароқовар тасвир гардад, то ки композитсия аз ҳама ҷиҳат пурқувват бошад. Ба дурустии ҳаҷм ва шакли аслии кӯза эътибор диҳед, қисмҳои ҷудогонаи нишебҳову хамҳои парда ва мавқеи фазоии китобу баргро дар мавриди муқоиса муайян созед, то ин ки натюрморт эҷодкорона ва бо таровати хосси ҳунармандӣ таҷассум гардад. Дар оғози кор самти рӯшноӣ ва сояафканиро дар предметҳо ва дар ҳамвориҳо аниқ намоед, зеро дар асоси рӯшноӣ ва сояафканӣ тасвир ҳарҷиҳата дурахшон ва назаррас мегардад. Ҳангоми бо ранг кор кардан зарур аст, ки хатҳои иловагиро аз расм пок намоед ва бо мӯйқалам коғазро аз боло ба пойин шуста, то дами хушк шудан нигоҳ доред. Сипас, бо рангҳои равшан предметҳои калонҳаҷмро тасвир намоед. Ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии онҳо дар расм аз ҷиҳати рӯшноию торикӣ намудор шавад. Азбаски натюрморт аз рангҳои ҷигарӣ, норанҷӣ, сурх, гулобӣ ва ғайра иборат аст, гуногунрангиро ба назар гиред. Масалан, ранги аслии кӯза ҷигарӣ ба назар мерасад,

дар натиҷаи инъикосёбӣ рангҳои предметҳои тасвиршуда тағйир меёбанд ва ранги кӯза ба норанҷии сурхтоб ва ба рангҳои дигар мубаддал мешавад. Акнун дар сурати мавҷуд будани рӯшноии паст ҷойҳои рӯшноидиҳандаро бо рангҳои сафед, соядорро бо ранги равшан тасвир намоед. Рангҳо бо ҳам омехта ва дар об ҳал шуда, тобишҳои мухталифи заруриро пайдо менамоянд ва дар вақти тасвир кардани рӯшноӣ фазои шакл ва ҳолатро пурра ифода менамоянд. Пас аз ин рангҳоро, ки тобиши предметро ифода мекунанд, интихоб намуда, дар тасвир рангеро нишон диҳед, то ки он ба шакли предмет мувофиқ бошад. Ҳаракат намоед, ки ҳанӯз рангҳо хушк нашуда, дар предметҳо ва ҳамворӣ тасвири сояро ба охир расонед. Ба дуруст будани таносуби рангҳо ва алоқамандии предметҳои дуру наздик диққат диҳед. Тарзи амалро аз расм омӯзед.



Расми 90.



Расми 91.

## ? Саволҳо:

1. Фарқи ҳаҷм ва шакли маводро дар раем чӣ тавр мекашанд?
2. Чаро рангҳои тағйирёбанда зуд ба назар мерасанд?

# Дарси 31

## Тасвири манзара

Зебо ва боэътимоду таъсирбахш тасвир намудани манзара вобаста ба тавоноии рассом аст. Рассом шаклу ҷойгиршавӣ ва қисмҳои ҷудогонаи дарахт, абрҳо, кӯҳҳо, гуногунии релефу макони онҳоро ба таври махсус дарк менамояд. Барои ҳамин тасвири манзара омӯзиши ҷиддии табиатро талаб менамояд. Ҳар як навъи дарахт дар алоҳидагӣ сохти худро дорад. Дар мавриди тасвири манзара ба зебоии фазову ҳаво ва хатти аслӣ диққат диҳед. Барои ҳамин он чизе, ки ба мо наздик аст, аз ҷиҳати рӯшноӣ ва соя фарқ мекунад ва он чизе, ки дар дур воқеъ аст, ноаён кашида мешавад. Ба таври дурахшон тасвир намудани манзара ба инъикоси рӯшноии офтоб вобаста аст. Пеш аз он ки манзараи мураккабро кашед, лозим меояд, ки тасвирро аз қисмҳои алоҳидаи дарахт, барг, абр ё ин ки якчанд ҳаҷми сангҳои гуногунро муқаррар намуда, сар кардан лозим аст. Диққати асосиро ба тасвири дарахтони ҷудогона равона созед. Манзараҳои гуногунро, ки бо хатҳои борик аз нуқтаи аввали шакли умумӣ ва сипас бо қисмҳои боқимонда ба таври лозимӣ мукаммал мебошанд, тасвир кунед. Ҳаракат намоед, ки тасвири манзара аз ҷиҳати дурахшонӣ, рӯшноӣ ва соя бо таносуби рангҳо мувофиқат дошта бошад.



Расми 92.



Расми 93.



Расми 94.



Расми 95.

**Саволҳо:**

1. Тасвири перспективии дуру наздикро бо кадом рангҳо акс менамоянд?
2. Обу ранги рангҳо ба чӣ вобаста аст?

## Дарси 32

## Суҳбат дар мавзӯи санъати наққошии гулдӯзӣ ва гулбофӣ

Санъати нақшу нигор яке аз санъатҳои дӯстдоштаи мардуми мо ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки гулдӯзӣ ҳамчун машғулияти писандидатарини мардум дар рақсу таронаҳои халқӣ инъикос ёфтааст:

Ҷонона, ба нимрӯзӣ биншаста, чӣ медӯзӣ?
Нақшата ғалат кардӣ, меканию медӯзӣ?

Гулдӯзии тоҷикӣ барои мо як олами образҳои шоиронаро аён месозад. Бо вуҷуди гуногунии ашёи гулдӯзӣ, нақшҳои таркибӣ ва инчунин ҳалли фардияшон онҳоро сохти умумии унсурҳои асосии нақшу нигор ва тарзи дӯхтан ба ҳамдигар муттаҳид мекунанд.

Гулдӯзиҳои оройиширо асосан барои ҷашнҳои калони оилавӣ, махсусан барои тӯйҳо, ки дар ҳаёти халқ мақоми хосее доранд, тайёр менамоянд. Нақшу нигор асосан бо оройиши гулу барг ва парандагон тасвир карда мешаванд. Зебоӣ ва нафосати нақшу нигор ба дурахшонии таносуби рангҳо вобаста аст. Хоҳед, ки чунин нақшу нигори оройиширо эҷодкорона аз худ намоед, ба ҳунарҳои устодони маҳаллатон шинос шавед. Ҳар як оройиши гулдӯзӣ бо тарзи оройишӣ ва тобиши рангҳои маҳаллу ноҳияҳо фарқ мекунад. Масалан, гулдӯзиҳои Хуҷанду Зарафшон аз гулдӯзиҳои Хатлону Рашт ва ноҳияҳои дигар фарқ доранд.



Расми 96.



Расми 97.

Гулдӯзиҳо бо рангҳои сурх, сафед, бунафш, норанҷӣ, сабз ва дигар рангҳое, ки тобишу ҳамоҳангии рангҳоро дурахшон мекунанд, мунаққаш гаштаанд. Унсурҳои оройиши гулдӯзӣ бо гулдӯзии сузанӣ, болопӯш ва рӯйиҷо умумияти зиёде дорад. Дар ҳар маврид хатҳои асосии росту мавҷдор истифода мешаванд. Барои ҳамин оройиши гулдӯзии пурҷило бо шукӯҳу шаҳомати бадеии худ ҷолиб аст. Баъзан кас бовараш намеояд, ки чӣ гуна дӯзанда дар як пироҳан ин қадар рангубори зиёд, шаклҳои мухталифи наққоширо ҷой додааст. Илова бар ин ҳамеша ин амал бо салиқаву маҳорати баланд иҷро мешавад. Дар баробари гулдӯзӣ гулбофӣ низ вуҷуд дорад. Гулбофӣ нозуктарин ва душвортарини навъи оройиш ба ҳисоб меравад.

Гулбофӣ аз ҷиҳати оройиш, нақшу нигор, тобишу бандубаст хеле фарқкунанда мебошад. Гулбофӣ бо рангҳои сафед, зард, сабз, нилобӣ, бунафш, сурх ва дигар рангҳо беш аз пеш зеб дода

мешавад. Ҳусни гулбофӣ ба тобишу таносуби рангҳои гуногун, ки оройиши нақшу нигорро аз ҷиҳати нафосату зебоӣ дурахшон менамояд, вобаста аст. Ин тарзи оройиш зинданигориро ба хотир меорад, ки дар гулбофӣ рангҳо ҷило медиҳанд ва нурафшонӣ мекунанд.

## Дарси 33

## Натюрморт. Тасвири гулҳои рангин

Барои офаридани расми хуб барои наққош истеъдод ва тахайюлоти хуби бадеӣ зарур аст. Агар рассом соҳиби чунин ҷавҳар бошад, дар иҷрои корҳои оройишӣ натиҷаи хуб ба даст меорад. Тасвири натюрмортро аз шакли умумӣ бо хатҳои борику ҷӯяндагӣ оғоз намоед. Ба гуногунии шакл, тарзи ҷойгиршавии он аз ҳар ҷиҳат эътибор диҳед, то ки тасвири композитсионии расм бо бадеияти баланд акс ёбад ва асари қобили таваҷҷуҳ офарида шавад. Барои самарабахш иҷро намудани ин мақсад гуногунии шакл, нишебиҳо, таносуби фазоӣ, мароқовар будани хатҳоро аз ҳар ҷиҳат ҷустуҷӯ намоед, то ки тасвири натюрморт барҷаста иҷро шавад. Азбаски натюрморт аз гулҳои гуногунранг иборат аст, дар ҳолати бо ранг кор кардан ба тобиши аслии рангҳо бештар эътибор диҳед. Сипас, рангҳои мувофиқро ба ҳам омехта, бо мӯйқалам қисми равшаниро дар расм мувофиқи ҷойҳои рӯшноӣ гузоред. Ба гуногунии рангҳо, ки аз таъсири рангҳои атроф ба вуҷуд меоянд, диққат диҳед. Зебоии зинданигорӣ ба гуногунии рангҳо вобастагии қавӣ дорад. Гул аз рангҳои сурх, бунафш, сафед, зард ва баргҳои сабз иборат аст. Рангҳои гулро бо таври обакӣ гиред, то ки шаффофии ранг ва тобиши зебоии рангҳо аз байн нараванд. Барои он ки дурахшонии рангҳо равшан назаррас шавад, бартарии рангҳои қисми торикӣ ва сояафканиро дурахшонну баландтар дар расм нишон диҳед. Чунин амали ранггузориро дар ҳамвории қисми соягӣ низ нишон диҳед.



Расми 98.



Расми 99.

## Дарси 34

## Оройиши интерйер

Тарзи дурахшон намудани оройиши интерйер вобаста ба мавзӯи супоридашуда, ки дар асоси он композитсия тартиб медиҳанд, сурат бояд гирад. Дар композитсия мақсади асосӣ дар шакли хатҳои фарққунанда, ки тасвирро аз ҳама ҷиҳат дурахшон менамояд, тасвир гардад.

Дар ин маврид расмро дақиқтар тасвир кунед, ки тарзи ҷойгиршавӣ, таносуби асосии объект ё предмет мувофиқ бошад.

Рӯшноиву тирагӣ, ки шакл ва фазои предметро дурахшон менамояд, дар расм низ тасвир кунед. Кӯшиш намоед, ки оройиши интерйер бо рангҳои дурахшон иҷро шавад. Аз расмҳои оройиши интерйер, ки дар мавзӯи гуногун иҷро шудааст, истифода баред.



Расми 100.

## Дар вақти холӣ

## Осори рӯйи санг

Тасвирҳои осори рӯйи сангҳо дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон вуҷуд доранд, аммо тасвирҳои рӯйи санги водии Зарафшон, Хатлон, Вахони Бадахшон миқдоран хеле зиёданд. Олимон исбот намудаанд, ки зиёда аз 700 ҳазор тасвирҳои рӯйи санг вуҷуд доштаанд. Осори рӯйи сангҳо намунаҳои қадимтарини тасвироти мардумӣ мебошанд. Ин нақшҳо аз ҳақиқати ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ нақл мекунанд ва тарзи зиндагии шикорчиён, маросими тантанавии тӯй ва дигар маросимҳоро нишон медиҳанд. Тасвирот асосан бо усули бурриши хатҳо банур нақш гашта, хеле



Расми 101.

нафис ва дилчасп ба назар мерасанд. Композитсияи тасвирот озоду равон буда, онҳо бо як ҳиссиёти баланди ҳунармандӣ тарҳрезӣ шудаанд, ки тароват ва мазмуни худро то замони мо нигоҳ доштаанд.

Мусаввирон барои пурмазмун, рангин ва хаёлангез шудани композитсия дар лавҳаҳо фантастикаро ба кор бурдаанд, ки инро бештар дар нақши мутрибон, шикорчиён ва лавҳаҳои дигар дидан мумкин аст. Тасвироти нигористони Вахон хеле сершумор буда, ба масофаи 2-3 км тӯл кашидаанд ва чун манзараи осори атиқӣ ба ёдгор боқӣ мондаанд. Онҳо зери осмони лоҷвард, дар ҳалқаи кӯҳҳои афсонавӣ, зери боли парандагони нодир, ки аз қаторкӯҳҳои Ҳимолой ва Ҳиндукуш ба ин сарзамини бостонӣ парвоз карда меоянд, дар оғӯши гулҳои худрӯй ва насими ҳаловатбахши шаршара, тарфи марғзорҳои суманхез назаррабоӣ карда, ҳамчун нодиртарин армуғони ҳунар аз ниёгон ба мо ёдгор мондаанд.

Осори рӯйи сангҳо чун як навъи санъати ҳайкалтарошӣ дар давраҳои қадим пайдо шудаанд. Намунаи мукаммали ин навъи санъатро дар замони Бохтариён, Сугдиён дучор меоем. Осори санъати то замони мо расида аз ҷиҳати оройишу тасвир хеле дақиқ ва моҳирона офарида шудаанд. Ҳайкалҳо, пайкараҳо аз ҷиҳати тарзи сохташон гуногун мешаванд. Дар Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриямон ба пайкара ва нимпайкараҳои бисёр дучор меоем.

Яке аз ҳайкалҳои бошукӯҳу бошаҳомати пойтахти ҷумҳурӣ ҳайкали сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар мутафаккирони бузург ба шумор меравaнд. Чунин осори рӯйи санг дар эҷодиёти ҳайкалтарош А.А. Ғаниев бо санъати баланд ва маҳорати волои рассомӣ эҷод шудаанд.

Рассом дар асарҳои худ симои мардони шуҷоъу далерро, ки дар соҳаҳои гуногуни илму ҳунар меҳнат кардаанд, таҷассум намудааст. Дар асарҳои «Орзу», «Ҷавонӣ», «Дар замини нав» чеҳраҳои Б. Искандаров, Л. Зоҳидова, В.И. Ленин хеле равшану пурмазмун тасвир шудаанд.

Ҳар як тасвири ҳайкал зебоии нотакроре дорад. Рассом К. Зокиров дар пайкараи «Суруд» эҳёи оҳангу суруди анъанавии мардуми моро тараннум намудааст. Дар он чеҳраи пурнуру нигоҳи пурмазмун, ҳусни маънавии инсонро акс кардааст. Аз композитсия маълум мегардад, ки рассом онро бо як эҳсоси баланди шоирона ва хаёлоти рангину ҳунари саршор эҷод намудааст.

Дар эҷодиёти ӯ образҳои классикӣ таҷассум гардидаанд. Бисёр пайкараҳои ӯ ба мавзӯъҳои лирикӣ ва таърихии халқҳои ҷаҳон, ки барои озодӣ мубориза мебурданд, бахшида шудааст.

Санъати ҳайкалтарошӣ басо заҳматталаб буда, аз мутахассисони ин соҳа малакаву маҳорати махсусро талаб мекунад. Пайкара ва нимпайкараҳо бо ҳунари ҳайкалтароши эҷодкор Е. Татаринова бо эҳсосоти ҳунармандии ганию рангин эҷод шудаанд, дар бисёр хиёбонҳои ҷумҳурии мо ҳайкалҳо гузошта шудаанд.

Дар пайкараҳои классикони адабиёти форсу тоҷик, донишҷӯ ва дар дигар ҳайкалҳои рассом воқеаҳои гуногуни таърихи мардуми мо тараннум ёфтаанд. Дар чеҳранигорӣ - жанри портрет рассом ботини одам, характер, ҳиссиёт, фикру андешаи одамро кушоду равшан таҷассум намудааст.



Расми 102. *Зокиров К. З. Суруд*



Расми 103. *Татаринова Е. А. Донишҷӯ*

## 1. Тарзи иҷрои кори амалӣ дар мавӯи натюрморт



Хошмуҳаммадов А. *Натюрморт*

## 2. Тарзҳои тасвири манзара







Давлатшоева З. *Баҳор меояд*



Кузмин Г. *Манзараи баҳор*



Хушвахтов Х. *Манзараи сохтмон*



Сангов И. Н. *Кӯҳи сурх*



Довудов З. *Баҳри Норак*



Серебрянский Б. И. *Бузкаши*



Бекназаров М. *Интерйер*



Қурбонов С. У. *Тасвири оройишӣ*



Аминҷонов А. *Оҳанги шашмақом*







Сайфуддинов А., Расулов Ч. *Тасвири оройишӣ*

# 4. Накшу нигор





# МУНДАРИЧА

Дарси 1. Санъати халқҳои ҷаҳон ........ 3
Дарси 2. Кашидани шаклҳои геометрӣ ........ 10
Дарси 3. Тасвири манзараи деҳа ........ 12
Дарси 4. Композитсия дар мавзӯи ҷамъоварии ҳосил ........ 14
Дарси 5. Натюрморти сабзавот ........ 15
Дарси 6. Тасвири рангҳои заррин ........ 17
Дарси 7. Натюрморти дастархони пурнеъмат ........ 20
Дарси 8. Корҳои оройишӣ, навиштани шрифт ........ 23
Дарси 9. Тасвири парвози парандагон ........ 26
Дарси 10. Суҳбат оид ба санъати тасвирии Шарқ ........ 27
*Дар вақти холӣ.* Усули корҳои оройишӣ ........ 32
Дарси 11. Санъати давраи Эҳё (Ренессанс) ........ 33
Дарси 12. Оройиши нақшу нигор ........ 39
Дарси 13. Олами ҳайвонот ........ 41
Дарси 14. Оройиши стендҳо ва намоиши асарҳои бадеӣ ........ 42
Дарси 15. Оройиши графикӣ ........ 43
*Дар вақти холӣ* ........ 45
Дарси 16. Оройиши тарроҳӣ дар муҷассамасозӣ ........ 47
Дарси 17. Оройиши солинавӣ ........ 48
Дарси 18. Суҳбат оид ба санъати тасвирии халқи тоҷик ........ 50
Дарси 19. Манзараи зимистон ........ 59
Дарси 20. Корҳои оройишӣ ........ 62
Дарси 21. Санъати Рус ........ 64
Дарси 22. Оройиши бадеии газетаи деворӣ ........ 72
Дарси 23. Ба рӯзи артиши миллӣ ........ 73
Дарси 24. Ангораи тасвири чеҳраи одам ........ 75
Дарси 25. Ангораи оройиши идонаи 8-уми март ........ 76
Дарси 26. Эҷодкорӣ дар мавзӯи афсонаҳо ........ 77
*Дар вақти холӣ* ........ 78
Дарси 27. Композитсия дар мавзӯи кайҳон ........ 80
Дарси 28. Оройиши интерйер ........ 82
Дарси 29. Тасвири манзараи баҳор ........ 83
Дарси 30. Натюрморт ........ 86
Дарси 31. Тасвири манзара ........ 88
Дарси 32. Суҳбат дар мавзӯи санъати наққошии гулдӯзӣ ва гулбофӣ ........ 90
Дарси 33. Натюрморт. Тасвири гулҳои рангин ........ 93
Дарси 34. Оройиши интерйер ........ 94
*Дар вақти холӣ.* Осори рӯйи санг ........ 95
Тавсия ........ 100